

# Ҳиндисаи Адолат

Ривояте аз як гуфтугӯ бо

аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

بسم الله الرحمن الرحيم

**Номи китоб:** Ҳиндисаи Адолат; Ривояте аз як гуфтугӯ бо аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

**Ношир:** Дафтари аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

**ISBN:** 978-9936-1-0120-3

**Нусха:** Дуввум

**Замони чоп:** 29 март 2024

**Макони чоп:** Душанбе; Тоҷикистон

**Ҳушдор!**

Ин китоб вақфи бар мусалмонон аст ва шаръан қобили фурӯш нест, вале чоп ва нашри он, машрут ба ҳифзи комили муҳтавои он ва ҳуқуқи маънавии нависанда, ба сурати роягон ё бидуни дарёфти суд, ҷойиз аст.

**Таваҷҷуҳ:**

Фазои донишгоҳӣ тарсим шуда дар ин асар, ҷанбаи намодин дорад.

# Ҳиндисаи адолат

**Ривояте аз як гуфтугӯ бо аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ** ҳафизаҳуллоҳ таъоло

## Сухани ношир

﴿إِنَّ اللَّهَ يَأْمُرُ بِالْعَدْلِ﴾[1]

Китоби шарифи «Ҳиндисаи Адолат», ривояте зебо ва дилнишин аз гуфтугӯйи илмӣ ва инқилобӣ бо олими муслеҳ ҳазрати Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло соҳиби китоби шарифи «Бозгашт ба Ислом» аст ки тавассути яке аз ёрони ӯ дар ду ҷаласа баргузор шуда ва тавассути ҷамъе аз шогирдонаш дар дафтари он ҳазрат бо шеваи бадеӣ ва адабӣ тадвин ёфта ва ба назари мубораки он ҳазрат расидааст.

Мавзӯъи ин гуфтугӯи илмӣ ва инқилобӣ, муҳандисии «Адолат» ба масобаи ормони Ислом аст ки бо осебшиносии бесобиқае дар заминаи мӯъзалоти ҷаҳон ва таҳлили бисёр дақиқ ва амиқе аз «Ҳукумати Исломӣ» ва нақши мутақобили «Маҳдӣ» ва «Мардум»

1 . «Ҳаройина Худованд ба адолат амр мекунад» (Наҳм/ 90).

ҳамроҳ аст. Арзиши илмӣ ва инқилобии ин асари беназир ки ба ҳақ бояд онро як мактаб ва идиуложии фитрӣ ва Исломӣ донист, бо вуҷуди ҳаҷми андаки он ба андозае аст ки метавонад ислоҳоти бунёдинеро дар қироъати расмии мусалмонон аз Ислом эҷод кунад ва бисёрӣ аз муъодилоти фарҳангӣ ва сиёсии ононро мутаҳаввил созад ва ҷиҳати ҳаракати фардӣ ва иҷтимоъии ононро ба сӯи халифаи Худованд дар замин тағйир диҳад; Чароки ин гуфтумон бо такя бар усули ақлӣ, қавонини табиъӣ ва суннатҳои тарихӣ ва дар ҳамоҳангии комил бо оёти Қуръон ва ривоёти мутавотир ва бо истифода аз ибороти гӯё ва алфози маънус ва парҳез аз ҳар гуна такаллуф ва зиёдагӯйи, роҳи саъодат ва камолро ба одамиён нишон медиҳад ва чистӣ ва чигунагии адолат –ин гумшудаи ҳамаи давронҳо– ро ба онон меомӯзад ва дариҷаи нав ба сӯи ояндаи рӯшанро ба рӯйи онон мегушояд.

Ин китобро аз ҷиҳоти мухталифе метавон мукаммили китоби «Бозгашт ба Ислом» ё тарҳӣ ҷомеъ барои амалиётӣ кардани он донист; Чароки бо матонат ва итқонӣ фавқулода, истиротежии инқилоби ҷаҳониро табйин мекунад ва нақшаи роҳи заминасозӣ

барои ҳокимияти Маҳдиро ба тасвир мекашад ва фароянди гузор аз асри торики ситам ба даврони дурахшони адолатро марҳала ба марҳала тавзиҳ медиҳад ва дар айни ҳол, аз азамати илмии олими комил ҳикоят мекунад ки ин ҳикматнома, ҳосили ду маҷлиси ӯст!

Бар ин асос, сазовор аст ҳамаи касоне ки арзиши ин гуфтумони мубораки Исломиро дарк мекунанд, моро дар тарҷума, чоп ва нашри он миёни мусалмонони ҷаҳон, ёрӣ расонанд; Чароки ин кор, бо вуҷуди мухолифатҳо ва сангандозиҳои гуногун, корӣ ба ғоят душвор ва нафасгир аст ва аз ин дафтари мустақил ва мардумниҳод бо тавоноӣ ва бизоъати ночизаш сохта нест. Бошад ки ин кор заминаи ҳокимияти халифаи Худованд дар заминро аз ҳайси назарӣ фароҳам созад ва мусалмононро барои вуруд ба майдони амали бо ҳадафи иҷрои ин барномаи Исломӣ омода кунад.

Барои иртибот бо мо ва дастрасӣ ба шарҳҳо ва тарҷумаҳои ин китоб, ба сайти www.alkhorasani.com муроҷиъа кунед.

Бо ташаккур

Дафтари аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ ҳафизаҳуллоҳ таъоло

# Феҳрест

Фасли якум ........................................ 11
Фасли дуввум ........................................ 27
Фасли севвум ........................................ 47
Китобнома ........................................ 91

# Фасли якум

... Донишҷӯ ба интизори устод нишаста буд ва ба замин нигоҳ мекард. Гоҳе оҳе мекашид ва зери лаб чизе мегуфт. Ту гӯйи масъалаи муҳим, бо дастҳои сангини худ, геребони фикрашро гирифта буд ва намегузошт нафас бикашад! Ин бори чандуме буд ки ба суроғи устод меомад. Ҳар бор, вақте суъолашро матраҳ карда буд, устод танҳо нигоҳе ба ӯ андохта буд ва бо сукути пурмаъное ҷавобашро дода буд. Аммо ӯ боз ҳам пурсида буд. Боз ҳам омада буд то бипурсад. Шавқи ӯ ба донистани ҳақиқат, роҳаташ намегузошт. Онқадрро фаҳмида буд ки натавонад роҳат бошад, натавонад бехиёл бошад. Инсон вақте аз як андоза бештар донист, зиндагӣ барояш талх мешавад. Касоне ки аз зиндагии мавҷуд лаззат мебаранд ва онро тавҷиҳ мекунанд, онқадрро нафаҳмидаанд ва он андоза надонистаанд: ﴿ذَٰلِكَ مَبْلَغُهُم مِّنَ الْعِلْمِ﴾[1] аммо ӯ ки онқадрро фаҳмида буд он андоза дониста

---

1 . Наҷм/ 30

буд, дигар наметавонист розӣ бошад. Дигар наметавонист монанди дигарон, ба чизҳое ки «Ҳаст» қонеъ бошад. Ӯ ба чизҳое меандешид ки «Бояд бошад»; Бояд бошад ва нест. Аммо чаро нест? Чаро ҳаргиз набудааст? Магар «Наметавонад» бошад? Агар наметавонад бошад пас чаро «Бояд» бошад? Чаро ин чизҳое ки наметавонад бошад, «Наметавонад набошад»? Чаро...? ин суъолҳои бузург ва бераҳм, ингор канори донишҷӯ истода буд ва руҳи ташна ва захмияшро шаллоқ мезад! Барои раҳойи аз шаллоқҳо, ба ҳар кас ки ҳарфе барои гуфтан дошт гӯш супурда буд, вале ҳеч кас натавониста буд посухгӯи руҳи ташна ва захмии ӯ бошад. Посухҳо сатҳӣ ва бепоя буд; Махдуш буд; Худхоҳона буд. Ингор ки фақат барои бастани даҳони ӯ тартиб дода шуда буд то дигар напурсад. Аммо боз ҳам пурсида буд. Ин бор бо ҳоли дигаре назди устод омада буд. Хастагӣ ва бечорагӣ аз чеҳраи ӯ меборид ва нафсҳошон ба нафсҳои мухтазар мемонист, вале аз дурахшиши чашмонаш пайдо буд ки ҳанӯз ноумед нашуда ва даст аз талаб барнадошта аст. Шояд устод метавонист начоташ диҳад; Чун ӯ буд ки барои нахустин бор, дасташро гирифт ва ба руди хурӯшони ин суъолҳо андохт. Пеш аз он, донишҷӯ суъоле

надошт ки посухе бихоҳад; Монанди ҳазорон нафари дигар ки суъоле надоранд. Устод буд ки барои нахустин бор, чашмҳояшро гушуд ва бо он лаҳни шаллоқӣ гуфт: «Саратро боло бигир ва нигоҳ кун» ва ӯ омада буд то сарашро боло бигирад ва нигоҳ кунад... аммо ба ростӣ чи чизеро бояд медид?! Онҷо дар уфуқ чи буд?!...

Донишҷӯ дар амвоҷи сарди ин афкор шиновар буд ки дар боз шуд ва устод ба дарун омад. Чеҳраи гушуда ва нигоҳи меҳрубони ӯ, донишҷӯро башорат медод. Ба эҳтироми устод бархост; Бархостанӣ барои андешидан[1].

● Устод бо лаҳни падаронае гуфт: Аз инки мунтазир мондаӣ узр мехоҳам. Вале ӯ таъхир накарда буд. Ҳамон замоне омада буд ки донишҷӯ хоста буд. Ин бор, бо лаҳни умедвортаре гуфт: Устод! Хоҳиш мекунам бирям сӯҳбат кунед.

● Устод: Дар бораи чи?

■ Донишҷӯ: Дар бораи ҳамон ҳақиқате ки мехоҳам бишиносам, чун ниёз дорам

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قُلْ إِنَّمَا أَعِظُكُمْ بِوَاحِدَةٍ ۖ أَنْ تَقُومُوا لِلَّهِ مَثْنَى وَفُرَادَى ثُمَّ تَتَفَكَّرُوا﴾ (Сабаъ/ 46); «Бигӯ танҳо шуморо ба як чиз панд медиҳам, инки барои Худо бо якдигар ва ба танҳойи қиём кунед сипас бияндешед»!

ки бишиносам; Ҳамон чизе ки касе ба он намеандешад ва дар бораи он сӯҳбат намекунад. Дар бораи чизҳое ки ҳаст ва чизҳое ки бояд бошад. Барои ман сӯҳбат кунед устод! Барои ман ки бо ҳамаи костиҳои илмӣ ва ахлоқиям, ташнаи донистанам ва ниёзи худ ба огоҳиро дарк мекунам.

● Аммо устод чизе нагуфт.

■ Донишҷӯ: Бо лаҳне ки аз он дард бар мехост идома дод: Дигар хаста шудаам. То ба кай бояд шоҳиди ин ҳама бадбахтӣ ва табоҳӣ дар сатҳи ҷомеъаи худ бошам?

● Устод: Кадом бадбахтӣ ва табоҳӣ?

■ Донишҷӯ бо таъаҷҷуб: Ҳамин бадбахтиҳо ва табоҳиҳое ки ҳар рӯз ва ҳар шаб, дар кӯчаву хиёбон ва шаҳру русто ва ҳар гӯшаи ҷомеъа мебинам: Ҷаҳлу факр ва зулму фасод ва ноамниву ҷанг ва ҷурму ҷиноёт ва ихтилофи қавмиву мазҳабӣ ва ҳазор чизи дигар ки мардуми бечораро ба сутуҳ овардааст!

● Устод: Ором бош! Ту бисёр сатҳӣ ва эҳсосӣ ба ҷомеъаи худ нигоҳ мекунӣ. Фарёдҳои ту ба фарёдҳои марде мемонад ки бародараш дар дарё ғарқ мешуд ва ӯ дар соҳил, бетобона тамошо мекард ва фарёд мезад: Вой, пироҳани бародарм тар шуд!!

■ Донишҷӯ: Инки бояд мантиқӣ ва оқилона ба атрофи худ нигоҳ кунам дурст аст, аммо манзуратон аз ин мисол чист?

● Устод: Манзурам ин аст ки ончи ту ном бурдӣ, агар чи ба ростӣ мушкилоти мардум аст, вале мушкили аслии онҳо нест; Ҳамчунонки мушкили аслии он ғариқ, тар шудани либосаш набуд! Дар воқеъ инҳо ки ту мебинӣ, паёмади мушкилоти ҳақиқии ҷомеъа ҳастанд на худи онҳо ва бо ин васф, ту аз дарахти мушкилоти ҷомеъа, танҳо ба шохаҳои он таваҷҷуҳ ёфтаи, дар ҳоле ки бояд решаҳои онро ҳам бибинӣ. Таваҷҷуҳ ба сатҳҳо кори эҳсос аст, аммо пардохтан ба умқҳо аз шуъуни ақл аст.

■ Донишҷӯ каме фикр кард ва гуфт: Ман барои ҳамин назди шумо омадаам. Хоҳиш мекунам дар бораи умқҳо бештар сӯҳбат кунед.

● Устод ба оромӣ аз ҷойи худ бархост ва ба тахтаи сиёҳи рангпарида наздик шуд. Бӯре бардошт ва як доираи бузург кашид. Сипас дохили он, як доираи хурдтар расм намуд. Чанд доираи хурдтар низ даруни якдигар кашид то ба нуқтаи марказӣ расид. Онгоҳ ба ҷойи худ бозгашт ва рӯ ба донишҷӯ ки бо шигифтӣ ба ин шаклҳои мубҳам нигоҳ мекард, гуфт: Ин,

намудори ҳиндисии мушкилоти ҷомеъа аст. Ҳар як аз ин доираҳо, сатҳе аз мушкилоти ҷомеъаро нишон медиҳад. Ҳар доирае аз як сӯ, бар доираи дарунӣ устувор шуда ва аз сӯи дигар, доираи беруниро устувор кардааст, то он ки ба доираи марказӣ мерасад. Ин доира, асос ва решаи доираҳои дигар аст; Яъне ҳамаи доираҳои дохили ҳам аз ин доираи марказӣ шакл мегиранд, чароки миёни ин доираҳо иртиботе аз навъи иллат ва маълул вуҷуд дорад. Мушкилоти сатҳии ҷомеъа низ, аъам аз факру фасод ва зулму ноамнӣ ва ҳамаи ончи ном бурдӣ, бар рӯйи мушкилотӣ дарунитари ҷомеъа устувор шудаанд. Ба унвони мисол, мушкили ҷароъими иҷтимоъӣ бар рӯйи мушкили факр ва мушкили факр бар рӯйи мушкили бекорӣ ва мушкили бекорӣ бар рӯйи мушкили тавсиъа наёфтагии ҷомеъа устувор шудааст ва мушкили тавсиъа наёфтагии ҷомеъа низ бар рӯйи мушкилоти дарунитар, то он ки ба мушкили аслӣ ва асосӣ хатм мешавад. Ба таври куллӣ бояд таваҷҷуҳ дошт ки мушкилоти ҷомеъа, ба ҳеч рӯй мустақил ва ҷудо аз ҳам нестанд; Балки ба сурати занҷираи муттасил, ҳалқа дар ҳалқаи якдигар доранд ва аз ҳам таъсир мепазиранд ва бар ҳам таъсир мегузоранд. Ту вақте ба ҳар як аз мушкилоти

ҷомеъаи худ, бидуни таваҷҷуҳ ба мушкилоти дигари он нигоҳ кардӣ ва иртиботҳоро дар назар наёвардӣ, ҳаргиз наметавонӣ шинохти саҳиҳе аз он дошта бошӣ ва вақте дардро нашинохтӣ, ҳаргиз наметавонӣ барои он, доруи муносибе пайдо кунӣ.

● Устод нигоҳе ба тахта сиёҳ андохт ва гуфт: Ин намудори ҳиндисиро барои мардуме ки дар як ҷомеъа зиндагӣ мекунанд низ метавон тарсим кард; Чароки сатҳи шинохт ва умқи нигоҳи онҳо, маротиби мутафовите дорад. Аксари мардум ки тӯдаи оммӣ ҳастанд, дар доираи берунӣ қарор мегиранд ва дар доираҳои дарунитар, қишри огоҳтари ҷомеъа сокин мешаванд. Ҳар чи ба доираи марказии шинохт наздиктар мешавем, афроди камтаре боқӣ мемонанд, то ҷойе ки дар доираи марказӣ, теъдоди ангуштшуморе ҷой мегиранд. Ба ин тартиб, ҳар чи доираи маърифати афрод, дарунитар бошад, доираи дарунитаре аз мушкилоти ҷомеъаро дарк мекунанд.

● Устод каме даранг кард ва сипас идома дод: Дар сурати ислоҳи доираҳои берунии мушкилот, доираҳои дарунӣ ислоҳ намешаванд, ҳамчунон ки бо ислоҳи шохаҳои дарахт, решаҳои он ислоҳ намешавад; Балки

метавон гуфт: Асосан ислоҳи доираҳои берунии мушкилот, бидуни ислоҳи доираҳои дарунӣ мумкин нест; Чароки доираҳои дарунӣ, ҳукми иллати доираҳои беруниро доранд. Бинобарин, модоме ки иллат фосид аст, маълул низ фосид хоҳад буд; Ҳамчунон ки дарахте бо решаҳои фосид, наметавонад шох ва баргҳои солиме дошта бошад.

■ Донишҷӯ ки эҳсос мекард ба доираи дарунитаре аз маърифат роҳ ёфта, барои тасдиқ саре ҷунбонд ва гуфт: Ҳамин тавр аст. Масалан вақте мо мушкиле ба номи факр дорем, бояд бибинем ки ин мушкил бар чи мушкилоти решаитаре устувор шудааст: Мебинем ки масалан бар мушкили тавсиъа наёфтагии кишавр. Боз ҳам бояд бибинем ки ин мушкили тавсиъа наёфтагии кишвар бар чи мушкилоти решаитаре қарор гирифтааст: Мебинем ки масалан бар мушкили ноамнӣ. Боз ҳам бояд бибинем ки ин мушкили ноамнӣ бар чи мушкилоти решаитаре қарор гирифтааст: Мебинем ки масалан бар мушкили ихтилофоти қавмӣ ва мазҳабӣ ва ба ҳамин тартиб[1]. Аммо дар инҷо ду масъала вуҷуд дорад ки мехоҳам

1 . Мисолҳо нозир ба Афғонистон аст. Табъан ҳар кишваре мушкилоти худро дорад.

бароям рӯшан шавад: Яке онки дар ҷомеъа, мушкилоти бешуморе ҳаст ки имкон дорад ҳар кадом решаи хосси худро дошта бошад. Дар ин сурат мо чигуна метавонем ин решаҳои бешуморро ислоҳ кунем? Масъалаи дигар онки мо наметавонем сатҳҳоро вогузорем ва сирфан ба решаҳо бипардозем. Оё ин тавр нест?

● Устод табассуме кард ва гуфт: Бояд бо диққати бештаре нигоҳ кунӣ. Дар бораи масъалаи аввал лозим аст бидонӣ ки касрат дар мушкилоти сатҳӣ, ба ваҳдат дар мушкили аслӣ хатм мешавад; Яъне мушкилоти ҷомеъа агар чи дар сатҳ, мутаъаддид ва бисёранд, аммо ҳар чи ба умқ меравaнд бештар муттаҳид мешаванд, то онки дар доираи марказӣ, ба як нуқтаи воҳид мерасанд. Ҳаргиз наметавон барои як доира, ду нуқтаи марказӣ дар назар гирифт. Бинобарин, ҳаргоҳ дидем ки мушкилоти мутаъаддид, ба решаи воҳиде нарасидаанд, бояд бидонем ки дар шинохтӣ онҳо иштибоҳ кардаем. Дар бораи масъалаи дуввум низ набояд таҳти таъсири таблиғот ва талқиноти ройиҷ қарор бигирӣ; Чароки мо вақте решаи аслии мушкилотро қатъ кардем, дар воқеъ ҳамаи мушкилотро аз байн бурдаем.

Бинобарин, мо дар ъайни пардохтан ба решаи аслӣ, ба сатҳҳо низ пардохтаем; Ҳамчунонки вақте дарахтеро аз реша дароварди, дар воқеъ шохашои онро низ аз байн бурдаи, аммо агар шохаҳоро чидӣ ва решаро боқӣ гузоштӣ, дарахт ҳамчунон зинда аст ва соли дигар шохаҳои тозае дар меоварад!

■ Донишҷӯ каме андешид ва гуфт: Ҳақ бо шумост. Аммо мебинем ки бо камоли таъассуф, бисёрӣ аз онон ки дардӣ иҷтимоъ ва дағдағаи ислоҳ мамлакат доштаанд, ҳамвора дар сатҳҳо мондаанд ва ба умқ ва реша роҳ набурдаанд ва бадин сон неруҳои худро ҳадар додаанд.

● Устод аз рӯйи таъассуф саре ҷунбонд ва гуфт: Онҳо сарнишинони киштии сӯрохе ҳастанд ки дар ҳоли ғарқ шудан аст, аммо ба ҷойи онки сӯрохи киштиро биёбанд ва ислоҳ кунанд ва ҷилуви вуруди обро аз онҷо бигиранд, коса бардоштаанд ва бо он обро берун мерезанд! Ғофил аз инки ҳанӯз косае берун нарехтаанд ки садчанд ҷойгузини он мешавад! Оё бо ин васф наметавон гуфт ки саъйи беҳуда мекунанд? Ин аст ки киштии ҷомеъа, ба тадриҷ фуру меравад ва пас аз мудате дар миёни амвоҷи саҳмгини инҳитот, маҳв мегардад.

● Устод каме даранг кард ва сипас идома дод: Иллати ин ғафлати маргбор он аст ки онҳо сӯрохи киштиро пайдо накардаанд. Мебинанд ки об ворид мешавад, аммо намедонанд аз куҷо! Инҳойе ки имрӯз ба унвони нухбагони сиёсӣ ё фаъолони миллӣ ё раҳбарони мазҳабӣ ё ҳатто гурӯҳҳои ҷиҳодӣ, даъвии ислоҳоти иҷтимоъӣ ва ҳалли мушкилоти мардумро дорнад, ҳамин тавранд. Бисёрӣ аз онҳо ҳамаи тавони худро ба кор мегиранд ва дилсӯзона талош мекунанд то киштии ҷомеъаро аз ғарқ шудан наҷот бидиҳанд, аммо мутаъассифона танҳо худро хаста мекунанд ва неруҳояшонро ҳадар медиҳанд; Чароки танҳо роҳи наҷоти киштӣ, ислоҳи сӯрохи он аст ва онҳо ин корро намекунанд; Балки танҳо обро мушт мушт берун мерезанд ва вақте асаре аз наҷот намебинанд, ё калофа мешаванд ва фарёд мезананд ва дигаронро муттаҳам мекунанд, ё ноумед мешаванд ва инзиво бармегузинанд ва арсаро холӣ мекунанд.

■ Донишҷӯ: Дар миёни ин қилу қолҳо ва беҳудакориҳо чи бояд кард?

● Устод: Касе ки дар киштии сӯрох қарор дорад ва ба зудӣ ғарқ мешавад, чи бояд бикунад? Маълум аст ки ё бояд монанди бархӣ,

коса бардорад ва обро берун бирезад, ё бояд ба дунболи сӯрохи киштӣ бигардад ва онро ислом намояд. Албатта бархӣ роҳи севвумеро дар пеш гирифтаанд: Сархӯрда ва ноумед дар интизори марг нишастаанд ва бо чашмҳои хира ва мабҳут, мавҷҳои девонаро тамошо мекунанд. Бархӣ ҳам ки аслан хобидаанд ва намедонанд доранд ғарқ мешаванд!

■ Донишҷӯ: Аммо обро бо коса берун рехтан суде надорад. Дар интизори марг ҳам наметавон нишат. Нодида гирифтани воқеъият ҳам девонагӣ аст. Пас танҳо кори оқилона ин аст ки сӯрохро биёбем ва тармим кунем. Ин танҳо роҳ аст. Роҳи дигаре вуҷуд надорад.

● Устод: Ҳамин тавр аст, аммо бояд бидонӣ ки ин кор, ба ҳеч рӯ осон нест; Чароки ҳар андоза мушкил, амиқтар ва решаитар бошад, рӯёрӯйи бо он сахттар ва хатарноктар аст ва ҳазинаҳои бештаре дорад. Шояд ба ҳамин далил аст ки бархӣ тарҷиҳ медиҳанд дар сатҳҳо бимонанд ва аз як андоза амиқтар нашаванд!

■ Донишҷӯ: Ҳақ бо шумост, аммо ман барои ин кори сахт ва хатарнок омодаам. Ҳар чанд мумкин аст чизҳои зиёдеро аз даст бидиҳам, аммо табиъӣ аст ки вақте миёни марг ва зиндагӣ гирифтор шудаам, амволи худро ба

дарё мерезем то ҷони худро наҷот бидиҳем.

● Устод: Бисёр хуб. Аммо бидон барои ёфтан ва тармими сӯрох киштӣ, бояд ба қадри обҳое ки дар он ҳаст, амиқ шавӣ!

● Устод инро гуфт ва аз ҷойи худ бархост. Аз панҷараи синфи холӣ, нигоҳе ба фаросӯи уфуқ андохт ва хуршедро дид ки дар пеши абрҳои тира, пинҳон аст. Устод панҷараро боз кард. Насими рӯҳбахше аз ҷониби машриқ, саросима ба синф давид ва башорат дод ки ин абрҳои тира, ба зудӣ кӯч мекунанд ва офтоби дурахшон, пас аз дере дубора ошкор мешавад. Донишҷӯ дар чашмҳои устод розеро дид; Розеро ки эҳсос кард ба зудӣ хоҳад донист. Шояд рози он сӯрохи киштӣ буд ки ҳоло ба дунболаш мегашт. Ҳис кард пас аст солҳо ҷустуҷӯ, ба зудӣ хоҳад «Ёфт». Ҳисси «Ёфтан» барои рӯҳи ташнае ки ҳеҷгоҳ «Наёфта» буд, ҳисси ғарибе буд. Устод бидуни онки нигоҳи розолудашро аз уфуқ бардорад, ба оромӣ гуфт: Барои имрӯ кофӣ аст. Рӯйи инҳо ки гуфтам фикр кун. Агар Худо бихоҳад фардо бештар сухан хоҳем гуфт...

# Фасли дуввум

Фардои он рӯз, донишҷӯ зудтар аз ҳамеша ба донишгоҳ омад. Ба оромӣ гом бармедошт ва зери лаб бо худ чизе мегуфт: «... дарди мо чист? Мушкили аслии мо кадом аст? Сӯрохи киштии мо куҷост? ...». Инҳоро ӯ зери лаб мегуфт ва ба сӯи синф меомад; Ҳамон синфи қадими ки панҷарааш рӯ ба уфуқ боз мешуд ва ҳамеша холӣ буд. Донишҷӯ рӯи як сандалии хок гирифта ки ба назар мерасид ҳазор сол аст касе рӯи он нанишаста, ба интизори устод нишаст ва нигоҳе ба фаросӯи уфуқ андохт. Хуршедро дид ки ором ором сарак мекашид то ӯро дар ин сармои зимистонӣ гарм кунад. Дари синф аз шӯри гушойиш фарёде кашид ва устод ворид шуд.

■ Донишҷӯ пас аз салом ва субҳ ба хайр, гуфт: Дирӯз ба ин натиҷа расидем ки ҳамаи мушкилоти ҷомеъа, «Иллати аслии воҳиде» доранд ки бидуни ислоҳи он, ҳаргиз ислоҳ намешаванд ва ислоҳгарон неруҳои худро

ҳадар медиҳанд. Хоҳиш мекунам имрӯз дар бораи ин иллати аслии воҳид сӯҳбат кунед.

● Устод лабханде зад ва гуфт: Пеш аз ҳар чиз бояд ҳақиқат ва моҳияти мушкилоти мардум дар бастари тарихро бо бештарин диққат ва таъаммуқи мумкин, баррасӣ кунем: Мо медонем ки мардум дар тӯли тарих, ниёзҳои ҳақиқии мутаъаддиде доштаанд. Ин ниёзҳо ки тахти таъсири «Табиъат», «Варосат», «Худ» ва «Ҷомеъа» шакл гирифтаанд, дар вокеъ истеъдодҳои мардум ҳастанд ки бояд ба феълият бирасанд; Ба наҳве ки агар яке аз ниёзҳои ҳақиқии инсон таъмин нашавад, метавонем бигӯйем ки яке аз истеъдодҳои вуҷудии ӯ ба феълият нарасидааст. Аз ин ҳолат ба «Маҳрумият» таъбир мекунем. Инсони маҳрум, инсоне аст ки ниёзҳои ҳақиқиаш таъмин нашуда ва ба иборати дигар, истеъдодҳояш ба феълият нарасидааст. Дар баробари маҳрумият, «Адолат» қарор дорад. Адолат, таъмини ҳамаи ниёзҳои инсон ба наҳве аст ки таъмини ҳеч як бо таъмини дигарӣ мунофот надоша бошад ва ба таъбири дигар, феълияти ҳамаи истеъдодҳое аст ки дар фард фарди мардум ба гунаи мутафовит вуҷуд дорад ва барои ҳар фарди онҳо, «Ҳақ» эҷод

мекунад; Ҳаққӣ мунҳасир ба фард ки метавон онро «Ҳаққи шуудан» номид; Ба ин маъно ки ҳар фард, «Ҳақ» дорад ончи «Метавонад», «Бишавад». Ҳол, агар ба саросари тарихи башар нигоҳ кунӣ мебинӣ ки мардум, ҳамеша маҳрум будаанд ва ҳеҷгоҳ ба адолат даст наёфтаанд. Асосан вуҷуди мушкилоти имрӯз, маҳрумияти инсон дар тӯли тарихро исбот мекунад; Чароки вазъияти имрӯзи ӯ беиртибот бо вазъияти дирӯзи ӯ нест ва имрӯз, дуде аст ки аз оташи дирӯз бархостааст. Бо ин ҳол, рафъи ин маҳрумияти дерина, ҳамеша матлуби мардум буда ва ниёзҳо ва истеъдодҳояшон, муҳаррики онҳо ба сӯи адолат будааст; Ҳамчунон ки ташнагӣ ва гуруснагӣ, муҳаррики онҳо ба сӯи об ва ғазо аст. Адолат ба ин маъно, гумшудаи дерини инсон ва ҳадаф аз беъсати анбиёъ будааст[1].

■ Донишҷӯ: Ончи шумо мегӯйед бисёр дақиқ ва амиқ аст, аммо гумон мекунам ин гузора ки «Мардум дар тӯли тарих, ҳеҷгоҳ ба адолат даст наёфтаанд» дар сурате содиқ аст ки манзур аз он, «Адолати мутлақ» бошад, вагарна имкон дорад ки дар тӯли тарих, аз «Адолати нисбӣ»

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿لَقَدْ أَرْسَلْنَا رُسُلَنَا بِالْبَيِّنَاتِ وَأَنْزَلْنَا مَعَهُمُ الْكِتَابَ وَالْمِيزَانَ لِيَقُومَ النَّاسُ بِالْقِسْطِ﴾ (Ҳадид/ 25).

бархурдор буда бошанд; Ҳамчунонки имрӯз, ба вежа дар бархӣ ҷавомеъ, аз адолати нисбӣ бархурдоранд.

- Устод: Таваҷҷуҳ дошта бош ки адолат бо ин маъно ба ҳеч ваҷҳ нисбӣ нест ва наметавонад бошад; Чароки адолати нисбӣ номи дигари зулм аст; Ҳамчунонки ба як эътибор метавон ба он гуфт: «Зулми нисбӣ»! Набояд фаромӯш кунӣ ки ниёзҳои инсон, ҷудо аз якдигар нестанд; Балки занҷиравор ба якдигар муттасил ва муртабитанд.

Агар як ҳалқаро баргирӣ аз ҷой

Хилал ёбад ҳама олам саропой

Агар яке аз ниёзҳои инсон таъмин нашавад, бар рӯӣ соири ниёзҳои ӯ таъсир мегузорад ва таъмини онҳоро ҳам бо мушкил мувоҷеҳ мекунад. Рӯшан аст ки дар чунин ҳолате ӯ маҳрум хоҳад буд на адолат ёфта. Аз ин рӯ, мебинӣ ки ҳаргоҳ яке аз ниёзҳои инсон таъмин нашуда, ӯ аз ҷойи холии ҳамон ниёз, сукут карда ва таъмини соири ниёзҳо ҳам ба кораш наёмадааст. Оре, барои ғарқ шудани киштӣ, як ҳуфра низ кофӣ аст; Ба ин маъно ки дер ё зуд, ғарқ шудан қатъӣ аст!

■ Донишҷӯ: Сухани шумо аз умқи хоссе бархурдор аст. Хоҳиш мекунам дар бораи он бештар тавзиҳ диҳед.

● Устод: Рӯшан аст ки ҳар фард, ё ҳамаи ниёзҳояш ба гунае ки таъмини ҳеч як бо таъмини дигарӣ мунофот надошта бошад, таъмин мешавад ё таъмин намешавад ва ба иборати дигар, ҳар фард ё ончи метавонад бишавад, мешавад ё намешавад. Агар бишавад ба адолат даст ёфта, ба гунае ки дигар наметавон ӯро «Маҳрум» номид ва агар нашавад маҳрум аст, ба гунае ки салби унвони «Адолат ёфта» аз ӯ саҳиҳ аст. Аз ин рӯ, метавон гуфт: Адолати нисбӣ, вуҷуди ҳақиқӣ надорад, балки сирфан эътиборӣ аст. Ончи вуҷуди ҳақиқӣ тавонад дошт, «Адолати мутлақ» аст. Асосан «Адолат» ва «Нисбӣ» мутазод ҳастанд, мунофот доранд ва якдигарро нақз мекунанд; Мисли онки дар як таркиби васфӣ бигӯйи: «Зебои зишт»!

■ Донишҷӯ: Ба ин тартиб наметавон гуфт ки дар як ҷомеъа, адолати бештар ва дар ҷомеъаи дигар, адолати камтаре ҳоким аст, дар ҳоле ки виҷдон чунин чизеро мегӯяд!

● Устод: Виҷдон чунин чизеро «Эътибор» мекунад, аммо «Ҳақиқат» он аст ки дар ҳеч як аз ин ду ҷомеъа, «Адолат» нест. Адолати

ҳақиқӣ, асосан ва заруратан «Ҷаҳон шумул» аст; Ба ин маъно ки наметавонад дар як бахш аз ҷаҳон, ҷудо аз бахшҳои дигар ба вуҷуд ояд; Чароки аз як сӯ, бахшбандиҳои ҷаҳон эътиборӣ аст ва ончи ҳақиқат дорад, «Низоми воҳиди ҷаҳонӣ» аст ва аз сӯи дигар, ҳеч як аз ба истилоҳ бахшҳои ҷаҳон, ҷудо аз бахшҳои дигар нест; Балки дар як низоми таъсир ва таъассур, ба якдигар пайваста ва вобастаанд. Бинобарин, адолати ҳақиқӣ, «Адолати мутлақи ҷаҳонӣ» аст ва ин ҳақиқате аст ки ҷойи ҳеч тардиде дар он нест.

■ Донишҷӯ дар ҳоле ки шигифтзада ба назар мерасид, ба фикр фуру рафт. Суханони устод агар чи бисёр тоза ва такондиҳанад менамуд, комилан маъқул ва қобили қабул буд. Аз ин рӯ, бо иштиёқи хоссе гуфт: Хоҳиш мекунам идома бидиҳед.

● Устод даранге кард ва идома дод: Маҷмӯъи ниёзҳо ва истеъдодҳойе ки дар ҳар фард ба гунаи мутафовит аз афроди дигар вуҷуд дорад, он фардро барои «Ҷойе» аз «Ҷаҳон» мутаносиб мегардонад[1]. Дар воқеъ ҳар кас дар ҷомеъаи ҷаҳонӣ барои худ ҷойе дорад ки андозаи ӯст ва андозаи ғайри ӯ нест; Бо таваҷҷуҳ ба инки

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿قَدْ جَعَلَ اللَّهُ لِكُلِّ شَيْءٍ قَدْرًا﴾ (Талоқ/ 3).

имкон надорад ду нафар, аз ҳайси ниёзмандӣ ва истеъдод, комилан назири якдигар бошанд[1]. Ҳол, агар ҳар фард, феълияти том пайдо кунад ва дар ҷойи худ қарор бигирад, ҷузъӣ аз адолати мутлақро сохтааст ва агар феълияти том пайдо накунад ё дар ҷойи худ қарор нагирад, як халаъи иҷтимоъӣ ба вуҷуд меоварад ки ҳеҷ чизи дигаре наметавонад онро пур кунад. Ин аст ки гуфтаанд: «Адолат, қарор додани ҳар чиз дар ҷойи худ аст».

■ Донишҷӯ саре ҷунбонд ва гуфт: Бинобарин, метавон гуфт ки мардум дар тӯли тарих, ҳамвора ба дунболи адолати мутлақ будаанд ва мутаъассифона ҳеҷгоҳ ба он даст наёфтаанд. Шояд ба хотири ҳамин «Мутлақгаройи» будааст ки ҳеҷ ҳукуматеро барои ҳамеша таҳаммул накардаанд ва ба навъӣ, «Танавуъталабии сиёсӣ» доштаанд! Ин тавр нест?

● Устод: Ҳамин тавр аст. Ҳар як аз ниёзҳои мардум, зермаҷмӯъаи ниёзи онҳо ба адолати мутлақ будааст. Ба иборати дигар, ҳамаи мардум дар ҳамаи замонҳо ва ҳамаи маконҳо, танҳо як ниёз доштаанд ва он, ниёз ба адолати

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَقَدْ خَلَقَكُمْ أَطْوَارًا﴾ (Нух/ 14); «Ва ҳаройина шуморо гуногун офаридааст».

мутлақ будааст. Ҳаракатҳои иҷтимоъӣ, ҷунбишҳои озодибахш ва ҳамаи инқилобҳои мардумии ҷаҳон дар тӯли тарих, дониста ё нодониста, таҳти таъсир ва ангезиши ин ниёзи ҳақиқӣ ва дар ростои таъмин ва посухгӯйи ба он шакл гирифтаанд. Дар воқеъ мардум барои таъмини ин ниёзи ҳақиқӣ, ҳукумате ташкил доданд, аммо ҳеч гоҳ ҳукумати онҳо ин ниёзашонро таъмин накард. Аз ин рӯ, ниҳоятон онро соқит карданд ва ҳукумати дигареро бар по сохтанд, аммо ҳукумати дигар низ ниёзи ҳақиқии онҳоро ки адолати мутлақ буд, таъмин накард. Аз ин рӯ, онро низ барандохтанд ва ба ҳукумати дигаре рӯй оварданд. Тарих, саҳнаи ҳамин озмунҳо ва хатоҳо будааст ки ту онро «Танаввуъталабии сиёсӣ» номидӣ! Вале бояд бидонӣ ки онҳо ин корро аз сари бедардӣ ва танаввуъталабӣ накарданд; Балки аз сари дард ва ниёз анҷом доданд. Инсони негунбахт, дар ҷустуҷӯи адолати мутлақ, ба ҳар сӯйе рӯй оварда ва ба ҳар ҳукумате сар супурдааст. Ҳикояти ӯ ҳикояти кӯдаке буда ки дар миёни ҷамъият гум шудааст ва ба дунболи модар мегардад, аммо чун шинохти саҳеҳе аз ӯ надорад, ба домони ҳар зане чанг мезанад ва ӯро модар мехонад ва вақте бо бемеҳрии он зан рӯбарӯ мешавад, ба

иштибоҳи худ пай мебарад ва ӯро вомегузорад ва ба домони дигарӣ меовезад. Инҳо ҳама таҷрибаҳои талхи ӯ будааст.

■ Донишҷӯ: Чи иртиботе миёни ҳукумат ва таъмини ин ниёз вуҷуд доштааст? Асосан чаро мардум ба дунболи ҳукуматҳо рафтаанд?

● Устод: Суъоли хубе аст. Гуфтам ки адолат «Таъмини ҳамаи ниёзҳои инсон ба наҳве аст ки ҳеч як, бо таъмини дигарӣ таъоруз нёбад» ва «Феълияти ҳамаи истеъдодҳойе аст ки дар фард фарди мардум ба гунаи мутафовит вуҷуд дорад ва барои ҳар як аз онҳо ҳақ эҷод мекунад». Акнун бояд бигӯйем ки ҳаққи ҳар фард дар иртибот бо ҳаққи афроди дигар, «Таклиф» ро ба вуҷуд меоварад[1]. Ба ин маъно ки таъмини ҳар як аз ниёзҳои фард, ҳамчунон ки набояд бо таъмини ниёзҳои дигари фард таъоруз ёбад, набояд бо таъмини ниёзҳои фарди дигар таъоруз пайдо кунад ва адолат барои ҳеч фарде наметавонад бо зулм ба фарди дигар ба даст ояд. Инҷост ки метавон гуфт: Аз батни ниёз ба адолат, ниёз ба ҳукумат мутаваллид мешавад; Чун вақте ниёзҳои ҳар фард бояд ба гунае таъмин шавад ки монеъи

1 . Бинобарин, метавон гуфт асолат бо ҳақ аст ва таклиф эътиборӣ аст.

таъмини ниёзҳои фарди дигар нашавад, ниёз ба неруйе аст ки бар ҳар ду фард, «Ишроф» ва «Султа» дошта бошад то иртиботи он ду бо ядигарро танзим кунад ва он неру ҳамоно ҳукумат аст. Ба таври куллӣ, бидуни як ҳукумат ки битавонад миёни ҳамаи зермаҷмӯъаҳо пайванд ва инсиҷом барқарор созад, ҷомеъа шакл намегирад; Чаро ки ҳамаи афрод бар ҳамаи ақрони худ ишроф ва султа надоранд то бидонанд иртиботи худро бо якдигар танзим кунанд. Бинобарин, ниёз ба неруӣ ишроф ва султа (= ҳукумат) аз муҳимтарин ниёзҳои мардумӣ аст ки дар канори якдигар зиндаги мекунанд. Ҳол агар ҷаҳонро аҷзои ҷудо ва мустақилли аз якдигар бидонем, чунонки имрӯз диниста мешавад, метавонем барои ҳар ҷузъи он ҳукуматӣ ҷудо ва мустақил дар назар бирирем, чунонки имрӯз дар назар гирифта мешавад, аммо агар онро низомӣ воҳид ва ба ҳам пайваста бишиносем то битавонад бистари адолати мутлақ бошад, наметавонем ба чизе ҷуз «Ҳукумати воҳиди ҷаҳонӣ» бовар бандем. Аз инҷо диниста мешавад ки вуҷуди ҳукуматҳои мутаъаддид дар ҷаҳон, иллат ё маълули маҳрумият аст ва ҷаҳон наметавонад ду ҳоким дошат бошад.

- Устод андаке даранг кард ва сипас идома

дод: Ишроф ва султае ки як ҳукумат дорад низ ба ду гуна метавонад бошад: Ишроф ва султаи эътиборӣ ки чизе ҷуз ҷаъли қонун ва карордодҳои иҷтимоъӣ нест ва ишрофу султаи ҳақиқӣ ки чизе фаротар аз ҷаъли қонун ва карордодҳои иҷтимоъӣ аст, балки реша дар вуҷуд ва моҳият дорад ва аз ишроф ва султаи Худованд бар ҷаҳон, нашъат мегирад. Агарчи ҳар дуйи ин ишрофҳо ва султаҳо ҷомеъа ба вуҷуд меоваранд ва онро ба наҳве ҳифз мекунанд, аммоончи ҷомеъаи ҷаҳонӣ бо адолати мутлақ месозад, танҳо ишроф ва султаи ҳақиқӣ аст.

■ Донишҷӯ ки эҳсос мекард ба доираи дарунитаре аз маърифат роҳ ёфтааст, гуфт: Ба ин тартиб, агарчи мардум барои ташкил ва ҳифзи иҷтимоъи, ниёз ба ҳукумати ом доранд, аммо барои даст ёфтан ба адолати мутлақ ки ниёзи ҳақиқии онҳост, ба ҳукумати хоссе ниёзманданд ва он ҳамоно ҳукумати воҳиди ҷаҳонӣ аст. Аммо мехоҳам бидонам ин ҳукумати воҳиди ҷаҳонӣ, чи вежагиҳое бояд дошата бошад то адолатро барои инсон ба армуғон биёварад?

● Устод: Агар адолат, қарор додани ҳар чиз ва ҳар кас дар ҷойи худ аст, мусалламан ҳукумате

метавонад онро таҳсил кунад ки ҳар чиз ва ҳар кас дар низоми ҳастиро бишиносад ва ҷойи онро бидонад ва тавони ҷобаҷо карданашро дошта бошад ва аз иштибоҳ дар он масун бошад. Бадеҳӣ аст ки бидуни ҳукумате бо ин вежагиҳои чаҳоргона, ҳеч имконе барои таҳаққуқи адолати мутлақ вуҷуд нахоҳад дошт ва ин вежагиҳои чаҳоргона ҳамон ишроф ва султаи ҳақиқӣ бар низоми ҳастӣ аст ки аввалан ва баззот ҷуз барои холиқи он мумкин нест. Бар ин асос, метавон гуфт ки ҳаққи ҳокимият, танҳо аз они холиқи ҳасӣ аст ва мунҳасиран ҳокимияти Ӯст ки адолати мутлақи ҷаҳониро муҳаққақ тавонад кард[1].

■ Донишҷӯ каме фикр кард ва гуфт: Ҳақ бо шумост. Ҳеч кас ҷуз холиқи ҳар чиз ва ҳар кас, ҳар чиз ва ҳар кас дар низоми ҳастиро намешиносад ва ҷойи ҳар кадомро намедонад ва тавони қарор доданаш дар ҷойи худро надорад ва аз иштибоҳи дар он масун нест, вале мехоҳам бидонам ҳокимияти Худованд бо маъное ки мавриди назари мост, чигуна қобили тасаввур аст?

● Устод: Мусаллам аст ки ҳокимияти Худованд бо маъное ки мавриди назари мост,

1 . Чунонки дар Қуръон омадааст: ﴿إِنِ الْحُكْمُ إِلَّا لِلَّهِ﴾ (Анъом/ 57) ва дар суннат омадааст: «البيعة للّه».

наметавонд ба таври мустақим ва бидуни восита бар ҷаҳони моддӣ ҷараён ёбад; Чароки маҳдудиятҳо ва қавонини модда чунин иҷозае намедиҳад ва табиъат, зарфияти онро зотан фоқид аст. Бинобарин, ниёз ба василае аст[1] ки аз як сӯ ҳамсинхи бо мардум ва аз сӯӣ дигар, расонои ишроф ва султаи Илоҳӣ бошад[2] ва он заруратан яке аз мардум аст ки тавассути Худованд ба моҳият ва ҷойи ҳар чиз ва ҳар кас дар низоми ҳастӣ, «Ҳидоят» мешавад[3] ва барои ҷобаҷойии он, тавонойи ва масуният меёбад ва бар пояи ҳамин вежагиҳои чаҳоргона ки аз Худованд мегирад, истеъдод ва табъан ҳаққи ҳокимият пайдо мекунад. Мо чунин инсонеро «Инсони комил» меномем[4]. Ба ин тартиб, метавон гуфт ки Худованд ҳаққи ҳокимияти худро аз тариқи инсони комил истифо мекунад ва инсони комил, «Халифаи» Ӯст[5]. Бо ин васф, рӯшан аст ки ҳокимияти инсони комил, моҳияте ҷуз иҷроъи комили авомири Худованд нахоҳад дошт ва дар воқеъ ҳамон ҳокимияти Ӯ

---

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَابْتَغُوا إِلَيْهِ الْوَسِيلَةَ﴾ (Моъида/ 35).

2 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿ضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الذِّلَّةُ أَيْنَ مَا ثُقِفُوا إِلَّا بِحَبْلٍ مِنَ اللَّهِ وَحَبْلٍ مِنَ النَّاسِ وَبَاءُوا بِغَضَبٍ مِنَ اللَّهِ وَضُرِبَتْ عَلَيْهِمُ الْمَسْكَنَةُ﴾ (Оли Имрон/ 112).

3 . Маҳдӣ

4 . Дар гуфтори дигаре, ӯро «Инсони Маҳдӣ» номидааст.

5 . Чунонки фармудааст: ﴿إِنِّي جَاعِلٌ فِي الْأَرْضِ خَلِيفَةً﴾ (Бақара/ 30) «Ҳаройина Ман дар замин халифаеро қарордиҳандаам».

хоҳад буд ки ба ин васила, эъмол мешавад.

● Устод андаке даранге кард ва сипас идома дод: Аз инҷо дониста мешавад ки ҳеч ҳукумате ҷуз ҳукумати инсони комил, наметавонад мазҳари ҳукумати Худованд бошад ва то замоне ки ҳукумат дар ихтиёри инсони комил қарор нагирифта, имкони таҳаққуқи адолати мутлақи ҷаҳонӣ мунтафӣ аст. Яке аз он ҷиҳат ки гуфтим ва дигарӣ аз ин ҷиҳат ки инсони комил, худ яке аз афроди ҷомеъа аст ки истеъдодаш, ӯро барои ҳукумат муносиб сохтааст. Бинобарин, ҳукумат «Ҷойи» ӯст ва чунонки гуфтам, адолати мутлақ он аст ки ҳар кас дар ҷойи худ қарор бигирад. Ба ин тартиб, то замоне ки инсони комил дар ҷойгоҳи ҳукумат қарор нагирифта, адолати мутлақ таҳаққуқ наёфтааст.

■ Донишҷӯ дар ҳоле ки мабҳут ба назар мерасид, каме андешид ва гуфт: Оё ин ба он маъност ки доираи марказӣ ва иллати аслии мушкилоти ҷомеъа, «Адами ҳокимияти инсони комил» аст?! Бале... бале... сӯрохи киштии мо ҳамин аст.

● Устод оҳи сарде кашид ва бархост. Ором канори панҷара рафт ва дар ҳоле ки бо нигоҳи худ уфқи дурро менигарист, гуфт: Инсони

имрӯз хаста аст. Инсони имрӯз захмӣ аст. Хаста аз чандин ҳазорон сол беадолатӣ ва захмӣ аз таҷрибаҳои ҳама талх. Фиръавнҳо ва Намрудҳоро дида ва Қайсарҳо ва Касроҳоро кашида ва банӣ Умаяҳо ва бани Аббосиҳоро таҳаммул карда ва шоҳон ва амиронро шоҳид будааст ва имрӯз, ҷумҳуриҳо ва Исломиҳоро таҷриба мекунад. Инсони имрӯз хаста аст. Инсони имрӯз захмӣ аст. Ба гадойии ҷуръаи адолат, дар барбари ҳар мактабе, ҳар ҳукумате зону зада, аммо ӯ ташнатар аз он будааст ки ба як ҷуръа сероб шавад. Ӯро укёнус сероб тавонад кард. Аммо ӯ укёнусро вогузошта ва ба сурoғи рутубатҳо рафтааст. Оре, ҳамон тавр ки донистӣ, иллати аслӣ ва доираи марказии мушкилоти ҷомеъа, фиқдони ҳукумати инсони комил буда ва ҳамаи маҳрумиятҳо аз ин нуқта бархостааст, аммо мебинӣ ки касе онро дар шумор намеоварад ва ба он вақъӣ намениҳад. Иллаташ ин аст ки касе дар доираи марказии шинохт нест. Ҳама дар доираҳои берунӣ, дар сатҳҳо мондаанд!

■ Донишҷӯ ки бо чашмҳои шигифтзада ба устод менигарист, хост ки чизе бигӯяд, аммо нафасаш дар сина ҳабс шуд ва забонаш дар ком начархид. Аз ин ёдоварии бузург, тамоми

руҳаш ба дард омада буд. Гумон намекард ки маншаъи ҳамаи бадбахтиҳо ҳамин бошад. Аз ин ки гумон намекард бештар месӯхт!

● Устод идома дод: Мушкили мардуми мо ва мардуми дунё маҳрумият аз ҳукумати инсони комил аст; Мушкиле ки наметавон онро як мушкил номид; Балки зоеъаи дарнок ва халаъе ки ҳеч чиз ҷубронаш намекунад; Мусибатӣ камаршикан ва ғайри қобили арзёбӣ. Мушкили мардуми мо ва мардуми дунё, ҳукумати яки ва адами ҳукумати яки дигар аз онон нест то ба канор задани яке ва овардани дигарӣ, онро бартараф кунанд. Мушкили умматҳо ва ҷавомеъи инсонӣ, фиқдони касе ҳамчун Алӣ аст. Мушкили дунё «Бе Маҳдӣ будан» аст.

■ Донишҷӯ боз ҳам саъй кард ки чизе бигӯяд, аммо натавонист.

● Устод идома дод: Адолати мутлақ, коркарди як низом аст; Низомӣ дақиқ ва риёзивор ки ҳар ҷузъаш дар ҷойи худ қарор дорад. Агар як ҷузъи асосиро аз мошини худ бардоштӣ, оё мошин рӯшан мешавад? Оё ҳаракат мекунад? Инсони комил – ки таърифи ӯ гузашт – ҷузъи асосии мошини адолат аст. То замоне ки ин ҷузъи асосӣ дар ҷойи худ қарор нагирифтааст,

мошини адолат кор нахоҳад кард. Касоне ки ба ҷойи қарор додани инсони комил дар ҷойи ҳукумат, ба дунболи роҳи дигаре барои расидан ба адолат ҳастанд, дар воқеъ мошини аз кор афдодаи худро ба ҷойи таъмир, ба сӯӣ мақсад ҳувл медиҳанд! Аммо мақсади онҳо дуртар аз он аст ки битавонанд ин гуна ба он бирасанд. Инҳо ногузир дер ё зуд, нафас нафас занон аз пой дар меоянд ва ба истилоҳ, дар миёнаи роҳ «Кам меоваранд»!

**Идома дорад...**

# Фасли севвум

▪ Донишҷӯ ки акнун умқи фоҷеъаро дарк карда буд, муддате ба фикр фуру рафт ва онгоҳ дар ҳоле ки маъюс ба назар мерасид, гуфт: Ҳар чанд дар фарҳанги Исломии мо, ба таври мутавотир аз ин инсони комил бо унвони «Маҳдӣ» хабар дода шуда ва таъкид шудааст ки адолати мутлақи ҷаҳонӣ дар партуви ҳокимияти ӯ муҳаққақ хоҳад шуд[1] ва дар сойири адёни тавҳидӣ низ ба чунин мавзӯъе ишора шудааст ва аз ин рӯ, дар воқеъ ҳамагон бо ҳар дин ва мазҳабе, ба наҳве онро бовар доранд ва метавон онро аз мусалламот ё машҳурот донист, аммо афсус ва ҳазорон афсус ки чунин инсоне, ҳанӯз ба дунё наёмада ё ба дунё омада ва ғойиб аст ва дар ҳар ду ҳол, имкони ҳокимияташ нест. Албатта дуъо мекунам ки агар ҳанӯз ба дунё наёмадааст, ҳар чи зудтар ба дунё ояд ва агар ба дунё омадааст,

---

1 . Чунонки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар ҳадиси мутавотир ва машҳур пас аз башорат ба Маҳдӣ фармудааст: «يَمْلَأُ الْأَرْضَ قِسْطًا وَعَدْلًا، كَمَا مُلِئَتْ جَوْرًا وَظُلْمًا»; «Заминро аз адл ва дод пур хоҳад кард, ҳамон тавр ки аз зулм ва ситам пур шудааст».

ҳар чи зудтар рӯзгори ғайбаташ ба поён расад! Вале дар ҳар ҳол, беҳтар мебинам ки ин гузинаи дастноёфтаниро ба каноре бигзорем ва баҳси худро бо ин пурсиш пай бигирем ки акнун чи бояд кард? Мусалламан посух ба ин пурсиш аст ки овардгоҳи андешмандон ва назарияпардозон будааст; Вагарна ҳамагон ончи шумо токунун гуфтедро ба наҳвае бовар доранд ё метавонанд бовар дошта бошанд. Мехоҳам бигӯям ончи шумо то ин ҷо гуфтед, ба наҳве мабнои муштараки ҳамаи аҳли Ислом, балки ҳамаи аҳли адён, балки шояд ҳамаи уқалои ҷаҳон аст. Ба ин хотир мегӯям ҳамаи уқалои ҷаҳон ки шояд ҳеч оқиле аз он ҳайс ки оқил аст, авлавияти ҳокимияти инсони комил бо вежагиҳои чаҳоргонаро инкор накунад, вале ҳамаи мунозиъоти сиёсӣ бар сари ин аст ки вақте имкони таҳаққуқи он вуҷуд надорад, чи бояд кард. Дар ин нуқта аст ки ҳар ҷараёне аз ҷараёни дигар ҷудо мешавад ва ҳар кас чизе мегӯяд. Ба унвони намуна, яке ҷумҳуриро пеш менихад ва дигарӣ онро ба танҳоии кофӣ намеёбад ва бо қайди Исломӣ ё қайдӣ дигар, муқаяд месозад. Ба ҳар ҳол, ончи ҳамагонро ба ин мунозиъа кашонда, дониста ё нодониста ин пешфарз будааст ки наметавон даст рӯйи даст ниҳод то инсони комил ба дунё биёяд ё зуҳур

кунад ва ногузир бояд ҳукумати дигариро пазируфт то ҷомеъа аз ҳарҷу марҷ наҷот ёбад ва ба коми нобудӣ наравад. Дар воқеъ, ин як «Изтирор» аст. Ҳол ба назари шумо дар ин изтирор, чи бояд кард?

● Устод ки дар ин лаҳзаҳо, ба осмон менигарист ва гӯш медод, бо чашмҳойе ки ашк дар онҳо ҳалқа зада буд, нигоҳе ба донишҷӯ андохт ва гуфт: Ҳарфҳоятро шунидам ва дарк кардам, аммо намедонам ки оё ту ҳар ҳарфҳои маро мешунавӣ ва дарк мекунӣ ё на!

■ Донишҷӯ дар ҳоле ки аз ин ҳоли устод ба шигифт омада буд, гуфт: Албатта ки мешунавам устод! Ман барои шунидан омадаам на барои гуфтан; Чароки токунун бисёр гуфтаам ва кам шунидаам. Ман омадаам то аз касоне бошам ба таъбири Қуръон, суханҳоро мешунаванд ва аз беҳтаринаш пайравӣ мекунанд: ﴿الَّذِينَ يَسْتَمِعُونَ الْقَوْلَ فَيَتَّبِعُونَ أَحْسَنَهُ ۚ أُولَٰئِكَ الَّذِينَ هَدَاهُمُ اللَّهُ ۖ وَأُولَٰئِكَ هُمْ أُولُو الْأَلْبَابِ﴾[1].

● Устод: Бисёр хуб. Агар чунин аст гӯши худро боз кун то бишнавӣ ва ҳуши худро ба кор гир то дарк кунӣ: Ҳамон тавр ки гуфтӣ, ончи мардумонро ба мунозиъа бар сари қудрат кашонда, дониста ё нодониста, ин пешфарз будааст ки таҳаққуқи ҳокимияти инсони

1 . Зумар/ 18

комил, барои онон мумкин нест ва дар натиҷа, чорае надоранд ҷуз инки ҳокимияти дигариро ба вуҷуд оваранд. Албатта тардиде нест ки агар пешфарзи онон дуруст бошад, натиҷае ки гирифтаанд дуруст аст, вале ҳамаи сухани ман дар ин аст ки оё пешфарзи онон дуруст аст?! Яъне оё воқеъан таҳаққуқи ҳокимияти инсони комил, барои мардум мумкин нест?! Оё ҳеч роҳе ба он барои онон вуҷуд надорад?! Ин масъала чи андоза мавриди баррасии онон қарор гирифта ки ба як пешфарзи ҳамагонӣ табдил шудааст?!

■ Донишҷӯ дар ҳоле ки бисёр шигифтзада ба назар мерасид, посух дод: Манзуратонро намефаҳмам! Ин мавзӯъ аз оғоз барои ҳамагон мусаллам буда ва ниёзе ба баррасӣ надоштааст!

● Устод: Чи тавр ниёзе ба баррасӣ надошта дар ҳоле ки калиди адолати мутлақаи ҷаҳонӣ ва муҳимтарин масъалаи башар ва зербинои машрӯъиятӣ ҳамаи ҳукуматҳои ҷаҳон будааст?! Аслан чи тавр барои ҳамагон мусаллам буда дар ҳоле ки ҳанӯз баррасӣ нашудааст?!

■ Донишҷӯ аз шиддати таъаҷҷуб, сукут кард. Бухти бесобиқае ӯро фаро гирифта буд ва намегузошт сухан бигӯяд. Чанд дақиқа тӯл кашид то тавонист фикри худро ҷамъ кунад ва

бифаҳмад дақиқан чи мавзӯъе тарҳ шудааст ва чи маъное дорад! Саранҷом дар ҳоле ки ваҳшат карда буд, фарёд зад: Ин сухани шумо пояи аслии машрӯъият ва тавҷиҳпазирии ҳамаи низомҳои сиёсии мавҷудро мутазалзил месозад ва бисёрӣ аз бофтаҳои фарҳангӣ, иҷтимоъӣ ва ҳатто иқтисодии башарро панба мекунад! Дасти кам аз ҳазор сол пеш то кунун, олимони мусалмон ду даста будаанд: Дастае исрор доштаанд ки Маҳдӣ ба дунё наёмадааст ва барои мо маълум ва ба мо марбут нест ки чи замоне ба дунё хоҳад омад ва дастаи дигар бар он будаанд ки ӯ ба дунё омада, вале то замоне ки Худо бихоҳад ва маслиҳат иқтизо кунад, дар паси пардаи ғайбат аст ва имкони таҳаққуқи ҳукуматаш нест. Бинобарин, аз нигоҳи ҳар ду даста бояд ба фикри ҳукумати дигарӣ буд; Чароки «Мумкин аст сад ҳазор соли дигар бигзарад ва маслиҳат иқтизоъ накунад ки ҳазрат ташриф биёварад. Дар тӯли ин муддати мадид, аҳкоми Ислом бояд замин бимонад ва иҷро нашавад? ... Ҳарҷу марҷ аст?»[1]. Ҳол оё шумо мабнои ҳар ду дастаро ки дар тӯли беш аз ҳазор сол ҷо афтодааст, зери суъол мебаред?!

● Устод: Бале, ҳамин тавр аст. Онҷи ҳукумати инсони комилро аз феҳрести низомҳои сиёсии

1 . Хумайнӣ, Руҳуллоҳ, Вилояти фақиҳ, с 30

воқеъӣ ҳазф карда, ин таваҳҳуми беасос будааст ки ҳукумати ӯ барои мардум дастёфтанӣ нест, ё ба иборати дигар, таҳаққуқи он дар ихтиёри мардум нест! Аммо ба ростӣ чаро?! Ба чи далил?! Бо кадомин мадраки илмӣ, таҳаққуқи ҳокимияти ӯ барои мардум ғайри мумкин ба шумор рафта ва дар кадомин манбаъи динӣ, аз мардум дар бораи он салби масъулият шудааст?! Оё ин чизе ҷуз як таваҳҳуми шум ва иштибоҳи бузург аз қабили садҳо таваҳҳум ва иштибоҳи дигар буда ки дар миёни мардум ҷо афтода ва ниҳодина шудааст?!

● Устод каме даранг кард ва сипас идома дод: Касоне ки исрор дорнад Маҳдӣ ба дунё наёмадааст ва барои худ ҳеч нақше дар пайдоиши ӯ қоъил нестанд ва мунтазиранд то ба ҳасаби иттифоқ, пеш ояд, таваҷҷуҳ надоранд ки пайдоиши Маҳдӣ, як амри иттифоқӣ ва тобеъи қонуни эҳтимолот нест, балки як тадбири Илоҳӣ ва тобеъи суннатҳои ғайри қобили табдили Худованд аст ки дар зарфи замонии муносиб анҷом мешавад ва зарфи замонии муносиб барои он низ вақте аст ки мардум, омодагӣ ва пазириши лозим барои ҳокимияти ӯ ва таҳаққуқи адолати мутлақи ҷаҳониро дошта бошанд, вагарн вуҷуди Маҳдӣ барои онон бо адамаш баробар хоҳад

буд. Бе ҳеч тардиде ба дунё омадани Маҳдӣ, агар чи мабнӣ бар фоъилияти Худост, манут ба қобилияти мардум аст; Чароки бидуни қобилияти марду, ба дунё омадани Маҳдӣ абас ва нақзи ғараз хоҳад буд ва ба таҳаққуқи ҳокимияти ӯ ва адолати мутлақи ҷаҳонӣ нахоҳад анҷомид; Чароки мусалламан барои таҳаққуқи ҳокимияти Маҳдӣ ва адолати мутлақи ҷаҳонӣ, танҳо вуҷуди Маҳдӣ кофӣ нест ва итоъати комили мардум аз ӯ низ шарт аст. Бинобарин, то ҳангоме ки мардум барои итоъати комил аз ӯ омода нашудаанд, имкон надорад ки Худованд ӯро биёфаринад ва агар фарзан ӯро биёфаринад низ имкон надорад ки ӯро барои мардум зоҳир гардонад; Чароки дар ин сурат эҳтимолан ӯро хоҳанд кушт. Ҳамчунин ки ҳаргоҳ мардум барои итоъати комил аз ӯ омода шаванд низ имкон надорад ки Худованд ӯро наёфаринад ё агар офаридааст зоҳир нагардонад; Чароки ин низ нақзи ғараз, бали бар хилофи адли Илоҳӣ хоҳад буд ва Худованд золим нест[1]. Аз инҷо

1 . Аз ин рӯ, бо камоли сароҳат эълом кардааст ки ҳаргиз чизеро барои қавме дигаргун нахоҳад кард то он гоҳ ки худашон бо дасти худ, заминаи дигаргунии онро фароҳам кунанд: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ﴾ (Ръад/ 11) ва ҳаргиз неъматреро аз қавме боз намедорад то он гоҳ ки худашон бо дасти худ заминаи маҳрумияташон аз он неъматро фароҳам созанд: ﴿ذَلِكَ بِأَنَّ اللَّهَ لَمْ يَكُ مُغَيِّرًا نِعْمَةً أَنْعَمَهَا عَلَى قَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ ۙ وَأَنَّ اللَّهَ سَمِيعٌ عَلِيمٌ﴾ (Анфол/ 53).

дониста мешавад ки мардум дар бораи будан ё набудани Маҳдӣ масъуланд ва ба фароҳам кардани заминаи муносиб барои вуҷуд ва зуҳури ӯ мукаллафанд ва табъан набудани ӯ натиҷаи кӯтоҳии онон дар амали ба ин таклиф аст.

● Устод каме даранг кард ва сипас идома дод: Аммо аҷибтар аз ғафлати ин даста, иштибоҳи дастаи дигаре аст ки мӯътақиданд Маҳдӣ ба дунё омадааст, вале таҳаққуқи ҳокимияти ӯ ба дасти мардум мумкин нест! Дар ҳоле ки агар Маҳдӣ монанди мо ба дунё омадааст ва монанди мо зиндагӣ мекунад, чаро даст ёфтан ба қудрати сиёсӣ ки барои мо мумкин аст, барои ӯ номумкин бошад?! Магар дар ин ҷиҳат, чи фарқе миёни ӯ ва мо вуҷуд дорад?! Магар ӯ аз мо ба ин кор тавонотар нест?! Магар ӯ аз мо ба ин кор муштоқтар нест?! Имрӯз даст ёфтан ба ҳукумат, барои ҳар чӯппоне мумкин аст, чигуна барои инсони комил имкон надорад?! Магар ҳаргоҳ мардум бо иродаи ҷиддӣ ва умумӣ, хостори ба қудрат расидан як «Инсон» шудаанд ва барои ин манзур даст ба инқилоб задаанд, он инсон ба қудрат нарасида ва ҳокимияти сиёсӣ наёфтааст? Ба ҳамин тартиб, ҳар гоҳ мардум бо иродаи ҷиддӣ ва умумӣ, хостори ба қудрат расидани инсони комил

бишаванд ва ба ҳеч ҳукумате ҷуз ҳукумати ӯ розӣ набошанд ва барои ин манзур инқилоб намоянд, инсони комил ба қудрат хоҳад растд ва маҷоли ҳукумат хоҳад ёфт. Агар монеъ аз нигоҳи ин даст, ғайбати ӯст, тардиде нест ки ғайбати ӯ натиҷаи адами омодагии мардум буда ва имкони рафъи он, ҳамвора барои онон вуҷуд доштааст. Ин амр, бархилофиончи тасаввур мешавад комилан табиъӣ, оддӣ ва дар дастрас аст; Балки метавон гуфт: Тасаввури хилофи он, ғайри табиъӣ, ғайри оддӣ ва дур аз воқеъият хоҳад буд. Бале, ташкили ҳукумати ӯ ниёз ба заминаҳойе дорад, аммо магар ташкили ҳар ҳукумати дигарӣ замина намехоҳад?! Магар ҳукуматҳои феълӣ, бидуни замина шакл гирифтаанд?! Магар тамоми инқилобҳои тарихи башар, чизе ҷуз заминасозӣ барои ҳукуматҳои мухталиф будааст?! Тардиде нест ки инсони комил, ба унвони инсонӣ зинда ва огоҳ, аз ин қоъида мустасно нест ва монанди дигарон метавонад пас аз таҳаққуқи шароити муносиби сиёсӣ ва иҷтимоъӣ, давлат ташкил диҳад. Ин шаройити муносиб, як шаройити печида, ғайри оддӣ ва дур аз дастрас нест; Бал як шаройити табиъӣ аст ки барои ҳар ҳукумати дигаре низ лозим ва зарурӣ аст. Оре, агар мардум, он андоза ки барои рӯйи кор

овардани ин ва он талош карданд барои рӯйи кор овардани инсони комил талош мекарданд, ҳамакнун ӯ дар кор буд! Аммо мушкил инҷост ки мардум, пушти худро ба ҳар кас супурданд ва дасти худро ба инсони комил надоданд! Ҳанӯз ҳам пас аз садҳо сол, гурӯҳҳо ва чараёнҳи мухталиф дар сарзаминҳои гуногун, ҳар як худро ба баҳонае сазовортар аз дигарон медонанд ва талош мекунанд зимни аз байн бурдани дигарон, ҳукуматро барои худ тасоҳуб кунанд![1] Дар ҳоле ки воқеъан ҳеч як аз онҳо сазовортар аз дигарӣ нест ва ҳукумат ба ҳеч як аз онҳо таъаллуқ надорад. Ҳукумат танҳо мутаъаллиқ ба Маҳдӣ аст ва бо ин васф, низоъ ба сари он беҳуда аст![2]

● Устод дар ин ҳангом даранг намуд ва ба осмон нигоҳе кард. Сипас оҳӣ ҳасратолуд кашид ва идома дод: Албатта ин воқеъияти бузург, барои дастае ки зеҳнҳошон бо увҳом ва хурофот одат карда, сангин ва ғайри қобили

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿فَتَقَطَّعُوا أَمْرَهُمْ بَيْنَهُمْ زُبُرًا ۖ كُلُّ حِزْبٍ بِمَا لَدَيْهِمْ فَرِحُونَ﴾ (Мӯъминун/ 53).

2 . Чунонки аҳли байти Паёмбар саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам дар боби нишонаҳои зуҳури Маҳдӣ фармудаанд: «يُنَادِي مُنَادٍ صَادِقٌ مِنْ شِدَّةِ الْقِتَالِ: فِيمَ الْقَتْلُ وَالْقِتَالُ؟! صَاحِبُكُمُ الْمَهْدِيُّ» (Нӯъмонӣ, Ал-Ғайба, с275); «Нидодиҳандаи содиқе аз шиддати даргириҳо нидо хоҳад дод: Куштор ва даргирӣ бар сари чист?! Ҳукумат бар шумо барои Маҳдӣ аст».

дарк аст. Онҳо ҳаргиз шинохти дурусте аз мақулаи ғайбат ва зуҳури Маҳдӣ надоштаанд. Онҳо Маҳдиро як мавҷуди аҷиб ва даст наёфтанӣ пиндоштаанд ки ҷудо аз ҷомеъа, дар ҷазираи Хазроъ миёни баҳрӣ Абяз нишастааст ва мунтазир аст «Маслиҳат иқтизо кунад» то зуҳур намояд! Мавҷуди ғайри оддӣ ва дур аз дастрасӣ ки бояд монанди қаҳрамонони афсонаи, савор бар асбӣ сафед, ногаҳон аз ломаконӣ дур ва асроромез ки касе намедонад куҷоистон, биёяд ва башарро наҷот диҳад ва биравад! Чунин тасаввуре аз инсони комил, бисёр хиёлӣ ва кӯдакона аст. Ислом, инсони комилро ингуна таъриф накардааст. Ислом ӯро монанди Масиҳ ба осмон боло набурдааст ки бихоҳад бар боли фариштагон пойин оварад. Ислом ӯро дар замин қарор додааст то даст дар даст мардум инқилоб кунад.

Аз инҷо дониста мешавад ки бардошти ҳар ду даста аз масъалаи Маҳдӣ, бо ҳукми ақл ва омӯзаҳои Ислом носозгор аст. Чунин бардоште ба маънои дақиқи калима, як «Бидъат» буда ва ҳеч асолате дар дин надошта ва танҳо бо манофеъи ҳокимони мустакбир ва сиёсатбозони қудрат талаб, созгор будааст ва мебинӣ ки иттифоқан ҳамонҳо падидоваранда ё парвариш диҳандаи ин бардошти инҳирофӣ

будаанд! Чароки агар мардум, имкони ҳокимияти инсони комил ва таҳаққуқи адолати мутлақ бо дасти худро бовар кунанд, дигар ҳеч муштарӣ барои дӯкони онҳо боқӣ намемонад; Бал чавози ки гумон меравад барои касби худ доранд лағв хоҳад шуд ва дигар ҳеч тавҷиҳе барои ҳукуматашон нахоҳад буд. Бо таваҷҷуҳ ба инки асосан машрӯъияти ҳар ҳукумати дигарӣ, мутаваққиф бар адами имкони ҳукумати инсони комил аст ва имкони ҳукумати инсони комил, ба машрӯъияти ҳар ҳукумати дигаре поён медиҳад.

■ Донишҷӯ ки аз шиддати бухт дар ҷойи худ мех шуда буд, зери зараби сангини чакуши каломи устод ба даруни рози сахт фуру мерафт ва эҳсос мекард ки ба доираи марказии шинохт, ворид шудааст. Сараш гич мерафт. Кӯшид то бар рӯӣ по биистад, аммо натавонист. Ногузир, худро ба рӯӣ сандалӣ кашид ва бо лаҳнӣ пур аз дард гуфт: Вой бар мо ки тамоми зиндагиро мурдаем ва қарнҳо дар ин биёбон, ба дунболи сароб давидаем! «Об дар хона ва мо ташналабон мегаштем»! Акнун ҳасратӣ жарф дар худ эҳсос мекунам. Ҳамаи вуҷудам дард мекунад. Ин захми кӯҳнае буд ки имрӯз даҳон гушуд. Оҳ ки чи дур будем... дур...! Вой ки чи кӯр будем... кӯр..!

● Устод ки чашмҳояш уфқро дунбол мекард, оҳи дигаре кашид ва бо афсусӣ сард гуфт: Мардум, қурбонии мафлуки ҷаҳли аъсоранд. Ҳукуматҳои шарқ ва ғарб, онҳоро фиреб додаанд ва аз ҳукумати инсони комил ба худ машғул кардаанд; Ҳамчнонки сароб, ташнаро фиреб медиҳад ва пистонак, кӯдакро аз пистони модар машғл мекунад. Ин сухан, як лаффозии шоъирон ё иборатпардозии бадбинона нест, балки хабар аз воқеъиятӣ рубъовар ва ҳақиқатӣ сувгангез аст. Агар мардум медонистанд ки дар ин қарнҳо, чи бар сарашон омадааст, роҳи кӯҳистонро дар пеш мегирифтанд ва сар ба биёбон мегузоштанд. Оҳ ки чи наслҳое аз даст шуда ва чи истеъдодҳое ба ҳадар рафтааст!

■ Донишҷӯ ки саъй мекард буғзи худро пинҳон кунад ба сахтӣ гуфт: Чи касе посухгӯ аст? Муқассир кист?

● Устод посух дод: Дар ваҳлаи аввал, уламо ва соҳибназарон. Ин як воқеъияти асафбор аст ки уламо ва соҳибназарони мусалмон, дар тӯли ин қурун ва аъсори мутамодӣ, ҳаргиз нигоҳи саҳиҳе ба масъалаи инсони комил надоштаанд. Онҳо ҳаргиз дарк накардаанд ки ғайбат ё фиқдони Маҳдӣ, як амри ҷабрии ғайри қобили тағйир ва беиртибот бо мардум

нест, балки маълули табиъии вазъияти мардум аст ва бо тағйири вазъияти онҳо, ба содагӣ қобили тағйир аст[1]. Онҳо на танҳо ин воқеъиятро дарк накардаанд, балки гоҳ бо маслиҳаттарошиҳои бепоя ва ҳикматбофиҳои бемаъно барои ғайбат ё фиқдони Маҳдӣ, онро комилан воруна фаҳмида ва фаҳмондаанд! Чи дарднок ва ҳасрат ангез аст ки уламони Ислом дар масоъили ҷузъии фиқҳӣ ки баъзан аҳмият ё мавзӯъият ҳам надорад, ончунон таҳқиқ ва мушикофӣ кардаанд ки инсонро ба шигифт вомедорад, аммо дар ин масъалаи бисёр бисёр муҳим, ҳеч гуна таваҷҷуҳи амиқ ва дар хуре надоштаанд! Чи зойеъаи ҳувлнок ва шармоваре аст ки садҳо унвони китоб бо даҳҳо муҷаллади қатур ва ҳазорон рисолаи мухталиф дар баррасии масоъиле чун ҳайз ва ҷанобат ва одоби халват навишта шудааст, аммо дар баррасии ин масъалаи ҳаётӣ...!

■ Донишҷӯ дар ҳоле ки ашкҳояшро пок мекард ва мекӯшид бар эҳсосони худ мусаллат бошад, гуфт: Ин агарчи бисёр талх аст, аммо воқеъият дорад. Бо ин ҳол, масъалае манро нигарон мекунад ва он ин ки мумкин аст ҳукумати инсони комил, дар дунёи ҷадид беш

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ اللَّهَ لَا يُغَيِّرُ مَا بِقَوْمٍ حَتَّى يُغَيِّرُوا مَا بِأَنْفُسِهِمْ﴾ (Раъд/ 11).

аз андоза ормонгароёна ба назар ояд ё ҳатто хиёлпардозона шумурда шавад!

- Устод аз рӯи таъассуф саре ҷунбонд ва гуфт: Албата агар инсони комил ва шакли ҳукумати ӯ мутобиқ бо таваҳҳумоти пӯсидаи ройиҷ ва бардоштҳои хурофӣ мавҷуд бошад, чизе ҷуз афсона саройи ва хиёлпардозӣ нест, аммо агар инсони комил ва шакли ҳукумати ӯ он гуна бошад ки ман таъриф кардам, далиле вуҷуд надорад ки хиёлпардозона шумурда шавад. Инсони комил дар таърифи ман, инсони табиъи аст ки ҳамаи истеъдодҳои вуҷудиаш дар иртиботи бо худ, ҷомеъа ва воросат, феълият ёфта аст ва нисбат ба табиъат, ҳамоҳангии комил дорад ва ҳеч буъде аз абъодаш бо ҳеч буъде аз абъоди низоми ҳасӣ, таъоруз намеёбад ва дар асари суъуд ба маротиби вуҷуд ва иртибот бо холиқи ҳастӣ, бар ҳама чиз ва ҳама кас мушриф аст. Албатта манзурам он нест ки ӯ монанди Худованд, тафсилан ва билфеъл ба ҳама чиз ва ҳама кас, иҳота дорад; Зеро чунин иҳотае барои ӯ, аз он ҳайс ки башаре монанди мост, на мумкин ва на лозим аст. Бал манзурам ин аст ки ӯ бо шинохти комил аз аҳком ва ҳудуди Илоҳӣ ва бахрамандӣ аз илҳом ва имдодҳои ғайбӣ, ба ҳасаби маврид ба ҳар чиз ва ҳар кас ва ҷойи ҳар чиз ва ҳар кас дар низоми ҳастӣ,

ҳидоят мешавад ва тавонойии лозим барои ҷобаҷо кардани онро меёбад ва бо итоъати комил аз Худованд дар партуви тақвойи олӣ ва дурӣ аз қиёси ботил, аз иштибоҳ дар он масвун мемонад ва ин як амри мумкин ва зарурӣ аст. Вуҷуди чунин инсоне дар воқеъ, на танҳо мунофии ақли назарӣ нест, балки дар фарҳанг Исломии мо воҷиб низ аст. Фориғ аз онки ин эътиқод, дар ҷойи худ бо услуби бурҳонӣ ва бурундинӣ низ қобили исбот аст ва дарки он мутаваққиф бар Ислом нест; Чароки ҳукумат, ба инсони комил таъаллуқи ҳақиқӣ дорад, на таъаллқи эътиборӣ. Машрӯъияти он низ барои ӯ иборат аз «Таносуби том» бо табиъат аст. Ба ин тартиб, машрӯъияти ҳукумати ӯ комилан ҳақиқӣ ва табиъӣ аст, на инки бо эътибори дин ё чизи дигаре ба вуҷуд омада бошад. Ба иборати дигар, ҳукумати инсони комил, машрӯъияти худро пеш аз онки аз дин ё чизи дигаре гирифта бошад, аз низоми табиъат ва қавонуни ҳоким бар он гирифтааст[1]. Дар натиҷа аз ин ҳайс асолат дорад ва барои ҳамаи инсонҳо, аъам аз мутадайин ва ғайри мутадайин, қобили дакр ва қабул аст. Бале, дин ба ин машрӯъияти асил ва ҳақиқӣ, иршод кардааст вагарна –ҳамонтавр ки ишора кардам– зоти инсони комил аз он ҳайс

1 . ﴿سُنَّةَ اللَّهِ الَّتِي قَدْ خَلَتْ مِنْ قَبْلُ ۖ وَلَنْ تَجِدَ لِسُنَّةِ اللَّهِ تَبْدِيلًا﴾ (Фатҳ/ 23).

ки инсони комил аст, иқтизои ҳукумат мекунад. Асосан ва ба таври куллӣ, ҳар чиз ва ҳар кас дар низоми ҳасӣ, мутаносиб бо баҳрае ки аз вуҷуди ҳақиқӣ дорад, муқтазии ҷойи хоссе аст; Ба наҳве ки ҳаргоҳ аз ҷойи хосси худ хориҷ шавад, фасод пеш меояд ва ҳаргоҳ дар ҷойи хосси худ қарор гирад, «Адолат» ҳосил мешавад. Бо ин мабно, фиқдони адолат дар ҷаҳон, натиҷаи мустақим қарор нагирифтани инсони комил дар мавзеъи ҳукумат аст. Ин як нигариши уқалойи ва фитрӣ аст ки мабонии фикрӣ ва илмии мутқан ва шинохта шудае дорад. Бар пояи ин нигариш, рӯшан мешавад ки на танҳо ҳукумати инсони комил хиёлӣ ва рӯъёйи нест, балки танҳо ҳукумати воқеъӣ ва ҳақиқӣ аст. Ин сойири ҳукуматҳо ҳастанд ки «Нестанд» ва моҳияте ҷуз ҷаъл надоранд; Ҳукуматҳои ҷаълӣ бо номҳои сохтагӣ! Ба ҳар ҳол, ин ки нигариши ман дар дунёи имрӯз, хиёлӣ ва ғайри воқеъӣ ба шумор ояд, чизе ғарбе нахоҳад буд, чаро ки нигариши Паёмбарон низ дар оғоз, хиёлӣ ва ғайри воқеъӣ шумурда мешуд[1], аммо мутмаъин бош ки ба зудӣ, тарҳи ҳукумати инсони комил, аз бахши бостонии мавзеи осори мазҳабӣ ба

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿يَا حَسْرَةً عَلَى الْعِبَادِ ۚ مَا يَأْتِيهِمْ مِنْ رَسُولٍ إِلَّا كَانُوا بِهِ يَسْتَهْزِئُونَ﴾ (Ёсин/ 30); «Эй афсӯз бар бандагон! Ҳеч Паёмбаре ба сӯяшон намеомад магар ин ки ӯро истеҳзоъ мекарданд»!

дар меояд ва ба унвони як назарияти мудерн ва мутараққӣ, дар сатҳи ҷаҳон ба расмият шинохта мешавад. Бар ҳар ҳол, ман гумон надорам ки касе дар бартарии ин низом нисбат ба сойири низомҳои сиёсӣ –иҷтимоъӣ, тардид кунад. Танҳо чизе ки ин «Низоми аҳсан» ро аз феҳрести мавзӯъоти илмӣ, иҷтимоъи ва сиёсӣ ҳазф намуда, таваҳҳуми иҷройи набудани он будааст ки ман ин таваҳҳуми шайтониро рафъ кардам.

■ Донишҷӯ ки ҳис мекард таваллуди дубора ёфтааст, каме ба фикр фуру рафт ва бо лаҳни мутаддаде гуфт: Намедонам оё ниёзе ба ин пурсиш ҳаст ё на: Чунонки медонед баъзе аз уламои ахборӣ ва гурӯҳҳои илтиқотии шиъа, бар ин бовар буданд ки ҳар ҳукумате ҷуз ҳукумати Маҳдӣ, тоғут аст ва дар замони ғайбати ӯ мо бояд бинишинесм ва коре накунем то замоне ки ӯ зуҳур кунад. Назари шумо дар бораи ин бовар чист?

● Устод бо шигифтӣ нигоҳе ба донишҷӯ афканд ва гуфт: Ин бардошти онҳо аз масъалаи Маҳдӣ, бардоштӣ хурофитар ва кӯдаконатар аз бардошти дигарон буд; [1]﴿ظُلُمَاتٌ بَعْضُهَا فَوْقَ بَعْضٍ﴾.

1 . Нур/ 40

Пайдост ки роҳи мо дар ҳамин гоми нахуст аз роҳи онҳо ҷудо мешавад; Зеро онҳо мегуфтанд ки мо бояд «Бинишинем» ва ман мегӯям ки мо бояд «Бархезем». Онҳо мегуфтанд ки Маҳдӣ бояд «Зуҳур» кунад ва ман мегӯям ки мо бояд «Изҳор» кунем. Миёни бовари онҳо ва ақидаи мо, ҳам дар мабонийи назарӣ ва ҳам дар натойиҷ ва коркардҳо, «Тафовут аз замин то осмон аст». Нигариши онҳо «Тавққуф» эҷод мекунад ва нигариши мо «Ҳаракат». Бовари онҳо ба «Рукуд» ва «Таҳаҷҷур» меанҷомад ва бовари мо ба «Ҷараён» ва «Татаввур». Агар манзури ту аз ин суъол, муқойисае миёни ин ду нигоҳ аст, бояд бигӯям ки муқойисаи бас нобаҷо ва бемаъност.

■ Донишҷӯ аз инки суъоли бисёр парте пурсида буд шарманда шуд. Аз ин рӯ, узрхоҳӣ кард ва гуфт: Мумкин аст бархӣ аз ончи мепурсам хандадор ба назар ояд, вале мойилам онро бипурсам то ибҳоме боқӣ намонад.

● Устод бо меҳрубонӣ, ангезаи донишҷӯро таҳсин кард ва гуфт: Ниёзе ба узрхоҳӣ нест. Ҳар чи мехоҳӣ бипурс, чароки пурсидан калиди донойи аст.

■ Донишҷӯ таъаммули дигаре кард ва гуфт: Пас иҷоза деҳед суъоли дигареро бипурсам.

Чунонки медонед, ҷараёнҳои ҷадиде дар миёни мусалмонон падид омадаанд ки ба ташкили ҳукуматӣ воҳид барои ҷаҳони Ислом тахти унвони «Хилофати Исломӣ» даъват мекунанд. Ин ҷараёнҳо то чи андоза ба мабнои шумо наздик шудаанд?

● Устод нигоҳе ба замин андохт ва гуфт: Даъват ба ҳукуматӣ воҳид барои ҷаҳони Ислом, ба танҳойи кофӣ ва қобили қабул нест; Чароки ҳукуматӣ воҳид барои ҷаҳони Ислом бидуни бархурдорӣ аз вежагиҳои чаҳоргона ҳеч гоҳ наметавонад адолатро барои он ба армуғон оварад; Ҳамон тавр ки қаблан дар тӯли чандин қарн натовонист, то инки саранҷом фуру пошид. Бо ин васф, тардиде нест ки вежагиҳои ҳукумат аз ваҳдати он муҳимтар аст; Балки ваҳдати он бидуни вежагиҳои чаҳоргона, ҳар чанд аз ҷиҳате беҳтар аст, аз ҷиҳотӣ дигар метавонад бадтар бошад ва зиёнҳои бештаре бирасонад; Зеро ба маънои тамаркузи ноодилонаи қудрат ва таҳаққуқи истебдоди сиёсӣ ва ба таъбирӣ яккатозии золим бидуни мунозиъа ва музоҳимат дигарон аст ки чи басо ба зулми бештаре меанҷомад ва бо ин васф, даъват ба он, корӣ хатарнок ва номаъқул аст. Аз инҷо дониста мешавад ки ҳар гуна даъват ба ҳукуматӣ воҳид бидуни таъкид бар инҳисори

он ба Маҳдӣ, фиребанда ва инҳирофӣ аст ва қаробате бо мабнои ман надорад.

■ Донишҷӯ андак таъаммул кард ва гуфт: Аз инҷо duониста мешавад ки нигариши шумо як нигариши мутамойиз ва мустақил аст, аммо мумкин аст гумон равад ки тарҳи ин нигариши мутамойиз ва мустақил, сабаби ихтилофи уммат ва пайдоиши фирқаи ҷадид хоҳад шуд. Назари шумо дар ин борачист?

● Устод аз рӯи таъаҷҷуб, табассуме кард ва посух дод: Рӯшан аст ки заминасозӣ барои ҳокимияти Маҳдӣ, сабаби ихтилофи уммат ва пайдоиши фирқаи ҷадид нахоҳад шуд, бал ин заминасозӣ барои ҳокимияти Зейд ва Амр буда ки ҳамвора бархиро ба ҷони бархӣ дигар андохта ва фирқаҳои гуногуни сиёсӣ ва мазҳабӣ падид овардааст. Бар акс, бояд гуфт: Заминасозӣ барои ҳокимияти Маҳдӣ, танҳо омили ваҳдат ва ҳамбастагии уммат дар асри мост; Зеро бидуни тардид, ҳокимияти Маҳдӣ, танҳо ҳокимият дар асри мост ки мавриди қабул ва ризояти ҳамаи фирақ ва мазоҳиби Исломӣ аст ва ҳамаи мусалмонон бо ҳар рӯйкарде, бар қатъияти таҳаққуқ ва вуҷуби итоъати он, иҷмоъ доранд. Бинобарин, бояд таваҷҷуҳ дошт ки даъват ба ҳар ҳокимияти

дигарӣ ҷуз ҳокимияти Маҳдӣ, даъват ба чизе аст ки мавриди ихтилофи уммат аст ва далиле барои иҷобати даъват ба он нест. Албатта агар муроди ту аз ихтилофи уммат ва пайдоиши фирқаи ҷадид, он аст ки эҳтимолан бархӣ аз мардум бо ин нигариши инқилобӣ мухолифат хоҳанд кард ва онро ба ғалат фирқаи ҷадид хоҳанд ингошт, бояд бигӯям ки чизи ғарибе нест ва мумкин аст иҷтинобнопазир бошад; Чароки ангезаҳои мардум ва сатҳи огоҳии онҳо яксон нест ва бисёрӣ аз онҳо дӯстдори адолат нестанд[1]. Аз ин рӯ, наметавон ба ин қабил мухолифатҳо ва тӯҳматҳои бепоя ки истодагӣ дар баробари адолат аст, вақиъ ниҳод; Дар ъайни онки бояд ба пурсиш пурсишгарона посух дод.

■ Донишҷӯ каме андешид ва гуфт: Ҳақ бо шумост. Ҳол ки чунин аст чи бояд кард?

● Устод бо бурдбории хоссе посух дод: Ба хотир дорӣ ки вақте масали сӯрохи киштиро баён кардам, ту дар посух ба ҳамин суъоли худ чи гуфтӣ? Гуфти: «Танҳо кори оқилона ин аст ки сӯрохро биёбем ва марамматт кунем. Ин танҳо роҳ аст. Роҳи дигаре вуҷуд надорад».

■ Донишҷӯ бале, ҳаминтавр аст.

---

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿أَكْثَرُهُمْ لِلْحَقِّ كَارِهُونَ﴾ (Мӯъминун/ 70).

● Устод: Бисёр хуб. Ҳоло сӯрохи киштиро пайдо кардӣ ва донистӣ ки доираи маркази мушкилоти башарият, фиқдони ҳукумати инсони комил аст. Бинобарин, сӯрохи киштиро мараммат ва заминаи ҳукумати Маҳдиро фароҳам кун!

■ Донишҷӯ: Чигуна?

● Устод: Вақте ба об ниёз дорӣ ва ташнагиро эҳсос мекунӣ, аз ҷойи худ бар мехезӣ ва обро меҷӯйи. Ба ҳамон андоза ки ташнагии ту бештар бошад, ҷустуҷӯйи ту низ бештар хоҳад буд. Дар посух ба суъоли ту бояд таъкид кунам: Инҳирофитарин ва зиёнбортарин таваҳҳум дар бораи инсони комил, ин будааст ки «Ӯ бояд биёяд». Дар ҳоле ки ӯ набояд биёяд, балки «Мардум бояд биёянд»; Чунонки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам мефармояд: «Имом монанди Каъба аст: Ба назди ӯ меоянд ва ӯ ба надзи касе намеояд»[1] ва хитоб ба халифаи худ Алӣ мефармояд: «Ту ба манзалаи Каъба ҳастӣ ки ба суроғи ӯ меоянд ва ӯ ба суроғи касе намеояд. Пас агар мардум ба суроғи ту омаданд ва ҳукуматро ба ту супурданд аз онҳо бипазир ва агар ба суроғи

1 . «مَثَلُ الْإِمَامِ مَثَلُ الْكَعْبَةِ، إِذْ يُؤْتَى وَلَا يَأْتِي» (Хаззози Қумӣ, Кифоятул Асар, с199 ва 248).

ту наёмаданд ба суроғи онҳо нарав то онгоҳ ки ба суроғи ту биёянд»[1]. Ба таври куллӣ, қонуни табиъат аст ки ноқис ба дунболи комил меравад ва ниёзманд ба дунболи бениёз меравад ва ташна ба дунболи об меравад ва бемор ба дунболи пизишк меравад ва сирфан як қонуни динӣ ё Исломӣ нест. Аз ин рӯ, Афлотун низ дар китоби *Ҷумҳурӣ*, пас аз онки ҳукуматро ҳаққи инсони комил мешуморад, дар ин бора мегӯяд: «Иқтизои табиъат он нест ки нохудо аз сарнишинони киштӣ тақозо кунад ки суккони киштиро ба ӯ биспоранд ё донишмандон ба дари хонаи тавонгарон биравад. Ҳар ки чунин иддаъое карда, дурӯғ гуфтааст, зеро табиъат хилофи инро иқтизо мекунад. Бемор, хоҳ тавонгар бошад ё тангдаст, бояд ба дари хонаи пизишк биравад ва онки ниёзманди раҳбари аст, бояд ба дасти тақозо ба сӯи касе дароз кунад ки дар раҳбарӣ устод аст. Бинобарин, касе ҳам ки шойистагии замомдорӣ дорад (= инсони комил) набояд аз дигарон тақозо

---

1. «أَنْتَ بِمَنْزِلَةِ الْكَعْبَةِ، تُؤْتَى وَلَا تَأْتِي، فَإِنْ أَتَاكَ هَؤُلَاءِ الْقَوْمُ فَسَلَّمُوهَا إِلَيْكَ -يَعْنِي الْخِلَافَةَ- فَاقْبَلْ مِنْهُمْ، وَإِنْ لَمْ يَأْتُوكَ فَلَا تَأْتِهِمْ حَتَّى يَأْتُوكَ» (Дейламӣ, Ал-Фирдавс Бе Маъсурил Хитоб, ҷ5, с315; Муҳаммад ибни Аби Қосими Табарӣ, Башоратул Мустафо, с428; Ибни Асир, Усд ал-ғоба фи маърифат ас-саҳоба, ҷ4, с102. Ҳамчунин, бингаред ба: Табарии Имомӣ, Ал-Мустаршид, с387 ва 394; Шарифи Разӣ, Хасоъису Аъима, с73; Ибни Мағозилӣ, Манокиби Алӣ, с164; Ибни Асокир, Тарихи Дамишқ, ҷ42, с356; Ибни Шаҳрошуб, Манокиби Оли Аби Толиб, ҷ3, с38).

кунад ки ба фармони вай гардан биниҳад»[1]. Ба ҳамин далил аст ки дар посух ба Одиъмонтус, дар бораи маҳрумияти ҷомеъа аз ҳукумати инсони комил мегӯяд: «Гуноҳи онро набояд ба гардани инсони комил гузошт, балки бояд касонеро гуноҳкор шумурд ки намехоҳанд аз ӯ фоидае бибаранд»![2] Бинобарин, омадани инсони комил ба суроғи мардум то замоне ки мардум ба суроғи ӯ наёмадаанд, бар хилофи қонуни табиъат аст ва имкони вуқуъи надорад. Ҳол ки чунин аст, мо барои ташкили ҳукумати инсони комил ногузирем ки ҳам худ ба суроғи ӯ биравем ва ҳам мардумро ба сӯи ӯ ҳаракат бидиҳем. Мебинӣ ки ин биниш –бар хилофи бинишҳои дигар– туро ба ҳаракат вомедорад. На танҳо туро дар худ фуру намебарад, балки туро дар робита бо ҷомеъа масъул мекунад.

■ Донишҷӯ: Чигуна метавоним худ ба суроғи инсони комил биравим ва ҷомеъаро бо худ ҳамроҳ кунем? Бидуни шак, манзури шумо ин нест ки ба сурати зоҳирӣ ва оддӣ, суроғи хонаи ӯро бигирем ва пайдояш кунем! Чароки чунин коре, дар сурате ки ӯ ҳамкнун ба дунё омада бошад, бисёр душвор ва дар сурате ки ӯ ҳанӯз ба дунё наёмада бошад, ғайри мумкин аст.

1 . Давраи комили осори Афлотун, Ҷумҳурӣ, китоби шашум, с 1094.

2 . Ҳамон, ҳамонҷо.

- Устод табассуме намуд ва гуфт: Бале, манзурам ин нест. Манзурам он аст ки ҳукумати инсони комил монанди ҳар ҳукумати дигаре, то замоне ки «Мақбулияти густардаи иҷтимоъӣ» наёфта ва «Ягона матлуби тӯъдаи мардум» нашудааст, таҳаққуқ нахоҳад ёфт. Бинобарин, ҳаракати мардум ба сӯӣ инсони комил, на як ҳаракати ҷисмонӣ, балки як ҳаракати «Фарҳангӣ», «Иҷтимоъӣ» ва «Сиёсӣ» аст. Ба ин тартиб ки мардум бояд дар се марҳалаи мутановиб, ба сӯӣ инсони комил ҳаракат кунанд то заминаи ҳукумати ӯ ба таври комил фароҳам шавад[1]:

Якум; Дар марҳалаи фикрӣ, ба таҳаққуқи ҳукумати инсони комил дар сурати таҳаққуқи заминаи он, имон овардан ва қалбан ҳукумати Маҳдиро «Бихоҳанд» ва ҳукумати ғайри ӯро «Нахоҳанд». Талаби воқеъӣ ва ҷиддии ҳукумати Маҳдӣ[2] ки мусталзими бароъат аз ҳар ҳукумати дигарӣ бо ҳар мабно ва коркарде аст, гоми нахусти ҷомеъа ба сӯӣ ин ҳадафи воло аст.

---

1 . Чунонки дар ҳадис омадааст: «يَخْرُجُ أَهْلُ خُرَاسَانَ فِي طَلَبِ الْمَهْدِيِّ (١)، فَيَدْعُونَ لَهُ (٢)، وَيَنْصُرُونَهُ (٣)»; (Ибни Ҳаммод, Ал-Фитан, ҷ1, с302); «Аҳли Хуросон дар талаби Маҳдӣ берун меоянд (1), Пас барои ӯ даъват мекунанд (2) ва ӯро ёрӣ мерасонанд (3)».

2 . «طَلَبِ الْمَهْدِيِّ» Дар ҳадис.

Дуввум; Дар мартабаи забонӣ, эътиқоди ҷозими худ ба таҳаққуқи ҳукумати инсони комил дар сурати таҳаққуқ заминаи онро ошкор намоянд ва хостаи дарунии худ нисбат ба ҳокимияти Маҳдӣ ва бароъати дарунии худ нисбат ба ҳокимияти ғайри ӯро бо истифода аз ҳамаи зарфият ва имкони худ, изҳор доранд ва онро ба сурати як «Мутолибаи умумӣ» ва «Шиъори иҷтимоъӣ» матраҳ намоянд[1]. Инҷост ки инсони комил, мақбулияти лозимро пайдо мекунад ва ҳокимони дигар, мақбулияти худро аз даст медиҳанд ва ин гоми дигаре ба сӯи он ормони мутаъолӣ аст.

Севвум; Дар мартабаи амалӣ, барои канор задани ҳукуматҳои дигар аз сари роҳи Маҳдӣ ва холӣ кардани «Ҷойи» ӯ барои ӯ аз ғайри ӯ талош намоянд то ҳаддае ки мавқеъияти муносиб барои таҳаққуқи ҳукумати Маҳдӣ, ба сурати ъайнӣ ва махсус фароҳам шавад[2]. Ин аз он рӯст ки ҳукуматҳои мавҷуд, қобили иҷтимоъ бо ҳукумати Маҳдӣ нестанд, ва ба далили фиқдони зарфият, омодагӣ ва пешбинии лозим барои идғом дар ҳукумати Маҳдӣ, бо он таъоруз доранд ва ба таври табиъӣ, аз

1 . «فَيَدْعُونَ لَهُ» Дар ҳадис.
2 . «وَيَنْصُرُونَهُ» Дар ҳадис.

имконоти сиёсӣ, иқтисодӣ ва низомии хеш барои ҳазфи иқтидор ва истиқлоли худ ва ҷилавгирӣ аз ҳокимияти Маҳдӣ истифода мекунанд ва бо вуҷуди онҳо, мавқеъияти муносиб барои таҳаққуқи ҳокимияти Маҳдӣ фароҳам нахоҳад шуд. Вонгаҳе пештар гуфтим ки ҷаҳон ба беш аз як ҳокми ниёз надорад ва ҳокимони мутаъаддид бояд ба нафъи Маҳдӣ канор раванд. Аз ин рӯ, қиёми ҳадафманд, огоҳона ва ҳамаҷонибаи мардум алайҳи ҳукуматҳои дигар, муқаддамаи қиёми инсони комил ва муттасил ба ҳокимияти ӯ хоҳад буд; Чи онки чунин заминае бе ҳеч тардид, иллати томмаъи ҳокимияти ӯ хоҳад буд; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки ӯ худ монанди ҳар инсони мустаҳаққи дигар, ҳаққи худро хоҳад хост ва аз ҳар фурсате барои истифои он истифода хоҳад кард. Гузашта аз ин, зомини иқдоми инсони комил ба ҳукумат пас аз таҳаққуқи ин шароит, инсони комил будани ӯст; Ба ин маъно ки инсони комил аз он ҳайс ки инсони комил аст ҳукумат бар мардумро мепазирад то адолати мутлақи ҷаҳонӣ таҳаққуқ ёбад.

■ Донишҷӯ ки акнун дар худ шӯрӣ инқилобӣ эҳсос мекард ва аз паймонаи ҳикмат сероб шуда буд, каме андешид ва гуфт: Бино бар ин

фарз ки Маҳдӣ ҳамакнун зинда ва ғойиб аст, суъоле пеш намеояд, вале бино бар ин фарз ки ӯ ҳанӯз ба дунё наёмадааст, ин суъол пеш меояд ки оя ба маҳзи он ки мардум заминасози барои ҳукумати ӯро дар мароҳили сегона оғоз кунанд, ӯ ба дунё хоҳад омад ё ин ки танҳо пас аз комил шудани заминасозӣ, ӯ мутаваллид хоҳад шуд? Ва дар ин сурат, чигуна касе ки тоза мутаваллид шудааст метавонад ҳокимият бар мардумро бипазирад ва адолати мутлақи ҷаҳониро ба вуҷуд оварад?!

● Устод табассуме намуд ва посух дод: Нигарон набош. Ба дунё омадани инсони комил бар хилофи ҳукумати ӯ, мавқуф ба комили шудани заминасозӣ нест; Чароки Худованди доно ва товоно, пеш аз оғози заминасонӣ тавассути мардум, аз замони он ва замони комил шуданаш огоҳ аст ва метавонад бар пояи ин огоҳӣ ва бар пояи лутфи худ, дар замони муносибе пеш аз он, инсони комилро биёфаринад то таъхири ӯ аз замони ҳоҷат лозим наёяд ва имкони ҳокимияташ билофосила пас аз омодагии мардум, вуҷуд дошта бошад. Худованд бисёр ҳаким ва меҳрубон аст.

■ Донишҷӯ ба фикр фуру рафт ва он гоҳ бо лаҳни қотеъи гуфт: Эй устоди бузур! Барои

нахустин бор аст ки шур ва шуъурро бо ҳам ҳис мекунам. Ҳамеша дар ман миёни ин ду ҷудойи будааст, аммо ҳоло мебинам ки ин ду дар ин нуқтаи жарф ва мутаъолӣ ба ҳам расидаанд. Ба ин тартиб, гумон мекунам бояд ин ҷаҳонбинии Илоҳӣ ва мактаби наҷотбахшро ба ҳамаи уммат иблоғ кард. Бояд наҳзати бузургеро барои огоҳӣ додан ба мардум ва бедор кардани ақлҳо дар пеш гирифт; Зеро то замоне ки ин нигариши жарф ва созанда, нигариши ғолиб дар ҷаҳони Ислом нашудааст, мардум ба суроғи инсони комил нахоҳанд рафт ва то замоне ки мардум ба суроғи инсони комил нарафтаанд, ҳукумати ӯ дар ҷаҳон таҳаққуқ нахоҳад ёфт ва то замоне ки ҳукумати ӯ дар ҷаҳон таҳаққуқ наёфтааст, адолати мутлақи ҷаҳонӣ, ки ниёзи ҳақиқии инсон аст, ба вуҷуд нахоҳад омад ва зиллат ва бадбахтии ӯ идома хоҳад дошт. Оё ин тавр нест?

● Устод ба нишонаи тасдиқ саре ҷунбонд ва гуфт: Ҳамин тавр аст.

■ Донишҷӯ ки акнун неруеро дар ҷисму ҷони худ эҳсос мекард, боз ҳам ба андеша фуру рафт ва сипас монанди касе ки чизеро кашф карда бошад, гуфт: Аммо оё ба назари шумо, аз марҳалаи оғози фароянди заминасозӣ то

марҳалаи истиқрори ҳукумати инсони комил, вуҷуди як роҳнамои шойиста ки зомини адами инҳирофи мардум дар мароҳили сегона ва адами бозгашти онҳо ба гузашта бошад, лозим нест? Мехоҳам бигӯям: Оё инқилоби бузурги заминасозӣ, монанди ҳар инқилоби бузурги дигаре ки ба ҳадафи худ даст ёфтааст, ба як раҳбари шойиста ки дар гуфтор ва рафтори худ, арзишҳойи инқилобро таҷассум бахшад ва бо мудирияти худ, иртиботи неруҳои инқилоб бо якдигарро танзим кунад ва ҷилавӣ ихтилоф ва инҳирофи онҳоро бигирад, ниёз надорад? Бо таваҷҷуҳ ба инки бисёрӣ аз инқилобҳо, ба сабаби фиқдони раҳбари шойиста, ё шикаст хӯрдаанд ва саркӯб шудаанд ва ё пас аз пирӯзӣ, ба инҳироф кашида шудаанд ва роҳи худро гум кардаанд.

● Устод сухани донишҷӯро тасдиқ кард ва гуфт: Ҳақ бо туст. Ба назар мерасад барои паймудани ин роҳи пурфарозу нишеб, ба роҳнамойи шойиста ниёз аст ки пуштибони мардум дар ҳаракати саҳиҳ ва мустамар ба сӯӣ инсони комил бошад ва мазҳабу гурӯҳҳои мухталифро бар меҳвари ӯ муттаҳид созад ва ба таъмини пешниёзҳои фарҳангӣ, иҷтимоъӣ ва сиёсии ҳукумати ӯ водорад ва ҳатто дар

сурати имкон, ҳукуматро бо мусолимат ё ғалаба аз дигарон бигирад ва ба ӯ бисупорад[1]. Рӯшан аст ки ин иқдомоти роҳнамои шойиста, ҳукми «Муқаддамаи воҷиб» ро дорад ва машрӯъияти он тобеъи машрӯъияти ҳукумати инсони комил ва дар тӯли он аст; Ҳамчунонки пеш аз ҳукумати инсони комил ҳеч наҳзати ислоҳӣ ё инқилобии дигаре дар ҷаҳон ғайр аз ин наҳзати заминасоз, наметавонад машрӯъ ва қобили тавҷиҳ бошад. Аз ин рӯ аст ки гуфтанд: «Ҳар парчаме ки пеш аз қиёми Маҳдӣ

---

1 . Чунонки Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам аз ин хабар дода ва фармудааст: «إِنَّا أَهْلَ الْبَيْتِ اخْتَارَ لَنَا اللَّهُ الْـآخِرَةَ عَلَى الدُّنْيَا، وَإِنَّ أَهْلَ بَيْتِي سَيَلْقَوْنَ بَعْدِي بَلَاءً وَتَشْرِيدًا وَتَطْرِيدًا، حَتَّى يَأْتِيَ قَوْمٌ مِنْ قِبَلِ الْمَشْرِقِ مَعَهُمْ رَايَاتٌ سُودٌ، يَسْأَلُونَ الْحَقَّ فَلَا يُعْطَوْنَهُ -مَرَّتَيْنِ أَوْ ثَلَاثًا- فَيُقَاتِلُونَ فَيُنْصَرُونَ، فَيُعْطَوْنَ مَا سَأَلُوا فَلَا يَقْبَلُونَهُ حَتَّى يَدْفَعُوا إِلَى رَجُلٍ مِنْ أَهْلِ بَيْتِي، فَيَمْلَؤُهَا قِسْطًا كَمَا مُلِئَتْ جَوْرًا، فَمَنْ أَدْرَكَ ذَلِكَ مِنْكُمْ فَلْيَأْتِهِمْ وَلَوْ حَبْوًا عَلَى الثَّلْجِ» (Ибни Аби Шейба, Ал-Мусаннаф, ҷ7, с527; Ибни Моҷа, Ал-Сунан, ҷ2, с1366; Баззор, Ал-Муснад, ҷ4, с354; Шошӣ, Ал-Муснад, ҷ1, с347; Ҳоким, Ал-Мустадрак Ала Саҳиҳайн, ҷ4, с511; Донӣ, Ал-Сунану Ворида фил Фитан, ҷ5, с1031); «Ҳароина мо аҳли байте ҳастем ки Худованд бароямон охиратро бар дунё ихтиёр кардааст ва ҳаройина аҳли байти ман баъд аз ман бало ва рондагӣ ва оворагӣ хоҳанд дид то он гоҳ ки гурӯҳе аз ҷониби машриқ (Хуросон) берун оянд ки бо онҳо парчамҳои сиёҳе аст, пас ҳаққро (ба сурати мусолиматомез) мутолиба мекунанд -ду ё се маротиба- вале ба онҳо дода намешавад, пас меҷанганд, пас пирӯз мешаванд, пас чизе ки дархост карданд ба онҳо арза мешавад, вале онро (бари худ) намепазиранд то инки онро ба марде аз аҳли байти ман месупоранд, пас заминро аз адолат пур мекунад ҳамон тавр ки аз зулм пур шуда бошад, пас ҳар кас аз шумо но замонро дарк кард, бояд ба сӯяшон бишитобад агарчи чаҳор дасту по бар рӯйи барф».

барафрошта шувад, тоғут аст»[1] ва дар ъайни ҳол, аз парчами ҳаққе хабар додаанд ки барои расондани ҳукумат ба Маҳдӣ, дар Хуросони бузург барафрошта мешавад ва ҳамроҳӣ бо он воҷиб аст[2] ва гуфтаанд: «Гурӯҳе аз ҷониби машриқ берун меоянд ки барои ҳукумати

1 . «كُلُّ رَايَةٍ تُرْفَعُ قَبْلَ قِيَامِ الْقَائِمِ فَصَاحِبُهَا طَاغُوتٌ» (Кулайнӣ, Ал-Кофӣ, ҷ8, с295; Нӯъмонӣ, Ал-Ғайба, с115).

2 . Чунонки аз Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам ривоят шудааст ки фармуд: «إِذَا رَأَيْتُمُ الرَّايَاتِ السُّودَ قَدْ خَرَجَتْ مِنْ قِبَلِ خُرَاسَانَ فَأْتُوهَا وَلَوْ حَبْوًا عَلَى الثَّلْجِ، فَإِنَّ فِيهَا خَلِيفَةَ اللَّهِ الْمَهْدِيَّ»; «Ҳаргоҳ парчамҳои сиёҳро дидед ки аз ҷониби Хуросон берун омадаанд, ба сӯяшон бишитобед агарчи чаҳор дасту по бар рӯйи барф; Чароки халифаи Худованд Маҳдӣ дар миёни онҳост» Ва дар ривояти дигаре омадааст: «فَإِذَا رَأَيْتُمْ أَمِيرَهُمْ فَأْتُوهُ وَبَايِعُوهُ وَلَوْ حَبْوًا عَلَى الثَّلْجِ فَإِنَّهُ خَلِيفَةُ اللَّهِ الْمَهْدِيُّ»; «Пас чун амирашонро дидед, ба наздаш бишитобед ва бо ӯ байъат кунед агарчи чаҳор дасту по бар рӯйи барф; Чароки ӯ халифаи Худованд Маҳдӣ аст» Ва дар ривояти дигаре омадааст: «خَلِيفَةُ الْمَهْدِيُّ»; «Ӯ халифаи Маҳдӣ аст» Ва дар ривояти дигаре омадааст: «يُقَالُ لَهُ: مَنْصُورٌ، يُوَطِّئُ -أَوْ يُمَكِّنُ- لِآلِ مُحَمَّدٍ، كَمَا مَكَّنَتْ قُرَيْشٌ لِرَسُولِ اللَّهِ صَلَّى اللَّهُ عَلَيْهِ وَآلِهِ وَسَلَّمَ، وَجَبَ عَلَى كُلِّ مُؤْمِنٍ نَصْرُهُ -أَوْ قَالَ:- إِجَابَتُهُ»; «Ба ӯ Мансур гуфта мешавад, барои оли Муҳаммад заминасозӣ мекунад ҳамон тавр ки Қурайш барои Расули Худо саллаллоҳу алайҳи ва олиҳи ва саллам заминасозӣ кард, ёрии ӯ -ё фармуд: Иҷобаташ- бар ҳар мӯъмине воҷиб аст» (Барои ин ривоёти машҳур ки дар маҷмӯъ ба ҳадди тавотур мерасанд, бингаред ба: Аҳмад ибни Ҳанбал, Ал-Муснад, ҷ37, с70; Ибни Моҷа, Ал-Сунан, ҷ2, с1367; Абу Доввуд, Ал-Сунан, ҷ4, с108; Баззор, Ал-Муснад, ҷ10, с100; Руёнӣ, Ал-Муснад, ҷ1, с417; Мақдисӣ, Ал-Бадъу вал Тарих, ҷ2, с174; Ҳоким, Ал-Мустадрак Ала Саҳиҳайн, ҷ4, с547; Донӣ, Ал-Сунану Ворида фил Фитан, ҷ5, с1032; Байҳақӣ, Далоилу Набувва, ҷ6, с515; Заҳабӣ, Мизонул Эътидол, ҷ3, с128; Баҳронӣ, Ғоятул Маром, ҷ7, с108).

Маҳдӣ заминасозӣ мекунанд»[1].

■ Донишҷӯ: Оё роҳнамои шойиста ва заминасоз барои расидан ба ҳадафи муқаддаси худ ки таъсиси ҳукумати инсони комил аст, як ҳукумат таъсис мекунад?

● Устод: Як ҳукумати мутаъораф ба маънои як низоми сиёсии оддӣ ки аз тариқи таъйини қонун ва иҷройи он бо замонати қувваи қаҳрия ба идораи умури ҷомеъа мепардозад, таъсис намекунад; Чароки агар барои таъсиси як ҳукумати мутаъориф ба таъсиси ҳукумати мутаъорифи дигаре ниёз бошад, барои таъсиси ҳукумати мутаъорифи дигар низ ба таъсиси ҳукумати мутаъорифи дигаре ниёз хоҳад буд ва ин ба тасалсул меанҷомад ки мумкин нест. Фориғ аз инки ҳукумати мутаъориф ба маънои як низоми сиёсии мустақл ва поядор, танҳо дар салоҳияти инсони комил аст ва таъсиси он барои дигарон ҳамон чизе аст ки роҳнамои шойиста ва заминасоз дар садади поён додан ба он аст ва бо ин васф, худ ба он олуда намешавад; Хусусан бо таваҷҷуҳ ба инки ҳаргоҳ ӯ қодир ба таъсиси ҳукумати мутаъориф барои худ

1 . «يَخْرُجُ نَاسٌ مِنَ الْمَشْرِقِ، فَيُوَطِّئُونَ لِلْمَهْدِيِّ سُلْطَانَهُ» (Ибни Моҷа, Ал-Сунан, ҷ2, с1368; Яъқуб ибни Суфиён Фасавӣ, Ал-Маърифат вал Тарих, ҷ2, с497; Баззор, Ал-Муснад, ҷ9, с243;Табаронӣ, Ал-Мӯъҷамул Авсат, ҷ1, с94).

бошад, ба тариқи авло қодир ба таъсиси ҳукумати мутаъораф барои инсони комил ҳам хоҳад буд ва бо ин васф, вазифаи ӯ таъсиси он барои инсони комил аст ва на барои худ. Ин ҳамон дуроҳии ҳақ ва ботил аст ки роҳнамои шойиста ва заминасозро аз муддаъиёни дурӯғини шойистагӣ ва заминасозӣ ҷудо мекунад; Чароки пас аз расидан ба он, ҳар кас валув бо иддаъи шойистагӣ ва заминасозӣ ба таъсиси як ҳукумати мутаъориф иқдом кунад, тоғут аст. Аз инҷо дониста мешавад ки ҳеч ҳукумати мутаъорифе дар ҷаҳон ҷуз ҳукумати инсони комил наметавонад машрӯъият дошта бошад, агарчи худро Исломӣ ё ҳатто дар садади заминасозӣ барои ҳукумати инсони комил бидонад.

■ Донишҷӯ: Сухани шумо бисёр пухта ва санҷида аст, вале мехоҳам бидонам ки бо ин авсоф, расонадни ҳукумат ба инсон комил тавассути роҳнамои шойиста ва заминасоз, дақиқан аз чи тариқе анҷом мешавад?

● Устод: Ин кор аз тариқи як ҳукумати мутаъориф анҷом намешавад; Зеро анҷоми он аз тариқи як ҳукумати мутаъориф монанди таҳсили адолат аз тариқи зулм аст ки таноқуз маҳсуб мешавад ва мумкин нест, балки пеш

аз ҳар чиз бо зоҳир сохтани инсони комил аз тариқи тазмини амнияти ӯ бо расонадани ҳомиёнаш ба ҳадди нисоб ва сипас ба яке аз ду сурат анҷом мешавад: Ба сурати мустақим аз тариқи як «Инқилоби мутаъориф» бо ҳузури ӯ дар ростои «Расондани ӯ ба ҳукумат»[1] ё ба сурати ғайри мустақим аз тариқи як «Ҳукумати интиқолӣ» ки дар шаройити изтирорӣ пас аз фурупошии низоми пешин ва пайдоиши халаи сиёсӣ бо ҳадафи таъсиси низоми ҷадид дар муддати маҳдуд бо изни ӯ ташкил мешавад дар ростои «Расондани ҳукумат ба ӯ» ва бо ин васф, метавон онро «Интиқоли ҳукумат» номид[2].

■ Донишҷӯ: Аз инҷо дониста мешавад ки мардум ва инсони комил ҳар ду барои таҳаққуқи ин ҳадаф вазоъифе доранд ва бояд

1 . Ин сурат, созугор бо ривоёте аст ки пас аз башорат ба зуҳури парчамҳои сиёҳи Хуросонӣ фармудаанд: «إِنَّ فِيهَا خَلِيفَةَ اللَّهِ الْمَهْدِيَّ»; «Халифаи Худованд Маҳдӣ дар миёни онҳост»; Зеро зоҳири аз ин ривоят он аст ки Маҳдӣ дар миёни заминасозони ҳукуматаш аз аҳли Хуросон ҳузур дорад.

2 . Ин сурат, созугор бо ривоёте аст ки пас аз башорат ба зуҳури парчамҳои сиёҳи Хуросонӣ фармудаанд: «يُقَاتِلُونَ فَيُنْصَرُونَ، فَيُعْطَوْنَ مَا سَأَلُوا فَلَا يَقْبَلُونَهُ حَتَّى يَدْفَعُوا إِلَى رَجُلٍ مِنْ أَهْلِ بَيْتِي، فَيَمْلَؤُهَا قِسْطًا كَمَا مُلِئَتْ جَوْرًا»; «Меҷанганд, пас пирӯз мешаванд, пас чизе ки дархост карданд ба онон арза мешавад, вале онро (барои худ) намепазиранд то инки онро ба марде аз аҳли байти ман месупоранд, пас заминро аз адолат пур мекунад ҳамон тавр ки аз зулм пур шуда бошад»; Зеро зоҳири аз ин ривоёт он аст ки онон ҳукуматро аз тавоғит мегиранд ва ба Маҳдӣ мунтақил мекунанд, бидуни инки онро барои худ бипазиранд.

дар замони муқтазӣ, вазоифи худро анҷом диҳанд. Оё ин тавр нест?

● Устод: Дақиқан ҳамин тавр аст. Албатта тардиде нест ки инсони комил ба иқтизои камоли худ вазоифашро анҷом медиҳад ва аз ҳузур ё изн дар замони муқтазӣ худдорӣ намекунад ва бо ин васф, мардум бояд ба ӯ эътимод дошта бошанд ва бо эътимод ба ӯ вазоифи худро анҷом диҳанд; Зеро ин анҷоми вазоъифи онон аст ки барои ӯ вазоифе эҷод мекунад.

■ Донишҷӯ ки инак худро дар нуқтаи марказии шинохт меёфт, муддате ба фикр фуру рафт ва ҷумалоти устодро мурур кард. Ӯ ҳеч гоҳ то кунун чунин низоми фикрии комил ва мунсаҷамеро нашунида буд. Дар ин ҳангом ӯ худро дар маҳзари роҳнамои шойистае ёфт ки воқеъан ва бе ҳеч иддаъое дар хусуси худ ва бе онки мунтазири тасдиқ ва таҳсини касе нишаста бошад, дар ҳоли муҳандисии назарӣ ва иҷрои амалии наҳзати заминасозӣ барои ҳукумати инсони комил буд. Ӯ эҳсос кард ки бидуни такаллуф ва ба суратӣ комилан табиъӣ, қитаъоти позил дар канори якдигар қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, бо чашмонӣ пурумед ба сӯи устод нигарист ва бо лаҳнӣ пуршур гуфт: Устод! Шумо ба ҳамаи суъолоти

ман посух додед. Ҳол ба ман бигӯйед ки пас аз рӯ ба рӯ шудан бо роҳнамои шойиста ва заминасоз, чи бояд кард? Ӯ моро ба чи коре раҳбарӣ мекунад?

● Устод: Заминасозони ҳукумати инсони комил, монанди донаҳои тасбиҳ ҳастанд ки бо риштаи раҳбари муштарак ба якдигар васл мешаванд ва ба «Ҳамоҳангӣ» ва «Ҳамкорӣ» дар ростои ҳадафи муштарак даст меёбанд[1]. Пас аз ин ҳамбастагӣ, рисолати бузурги ҳақиқатхоҳон, огоҳ кардани умматҳо аз ин воқеъияти талх аст ки дар тӯли тарих, фиркби ҳукуматҳои гуногунро хӯрдаанд ва акнун метавонанд ва бояд ба ҳамаи ҳукуматҳои шарқ ва ғарб «На» бигӯянд ва ба ҳеч рифо ва осойиши фиребандае қонеъ нашаванд ва инқилоби мубораки Маҳдавиро оғоз намоянд. Рисолати сангини адолатхоҳон, роҳандозии як басейҷи умумӣ дар ҷаҳон барои ташкили ҳукумати инсони комил аст ва барои ин кор, бояд ҳамаи фаъолиятҳо ва ҳаракатҳои фарҳангӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро ба сӯи ин барномаи мутаъолӣ ҷиҳат бидиҳанд ва дар мақоми иҷрои он, то охарин нафас пойдорӣ кунанд. Ин як ислоҳи иҷтимоъӣ ва наҳзати асил ва решадор аст ки метвонад тӯдаҳои

1 . Чунонки Худованд фармудааст: ﴿وَتَعَاوَنُوا عَلَى الْبِرِّ وَالتَّقْوَى﴾ (Моъида/ 2).

мустазъафини ҷомеъаро ҳаракат диҳад ва ба усён алайҳи сохтори золимонаи ҷаҳонӣ водорад ва бунёни ҳукуматҳои шарқ ва ғарбро суст кунад ва фуру резад. Ин танҳо парчаме аст ки метавонад ҳамаи ақвом ва умматҳои адолатхоҳро ба гирди худ ҷамъ кунад ва бо ҳам муттаҳид созад то сафи якпорчаеро барои ёрии Маҳдӣ ба вуҷуд оваранд. Дар чунин бистари муносибе, инсони комил маҷоли зуҳур меёбад ва бо ҳимояти ҳамаҷонибаи мардум, ба қудрат мерасад. Албатта тардиде нест ки ин тафаккури инқилобӣ, душманони бисёре хоҳад дошат; Душманоне ки манофеъи худро дар хатар мебинанд ва саъй мекунанд ки бо таблиғоти манфӣ ва дур кардани зеҳнҳо, ҷилави ин наҳзати бедориро бигиранд ва бо ҷосозӣ ва дурғпардозӣ онро ҳаракате дар радифи ҳаракатҳои инҳирофӣ ҷилва диҳанд ва нагузоранд ки нидои он ба гӯши миллатҳои озодихоҳ бирасад. Ҳатто чи басо саъй мекунанд ки бо қатли шахсиятҳои бедоргар ва инқилобӣ ё ҳабс ва табъиди онҳо, ин ҳарактро мутаваққиф ва дар нутфа хафа гардонанд[1],

---

1 . Дар ҳоле ки Худованд фармудааст: ﴿إِنَّ الَّذِينَ يَكْفُرُونَ بِآيَاتِ اللَّهِ وَيَقْتُلُونَ النَّبِيِّينَ بِغَيْرِ حَقٍّ وَيَقْتُلُونَ الَّذِينَ يَأْمُرُونَ بِالْقِسْطِ مِنَ النَّاسِ فَبَشِّرْهُمْ بِعَذَابٍ أَلِيمٍ﴾ (Оли Имрон/21); «Ҳаройина касоне ки оёти Худовандро инкор мекунанд ва Паёмбаронро ба ноҳақ мекушанд ва касоне аз мардум ки ба адолат амр мекунандро мекушанд, ононро ба азобӣ дарднок башорат деҳ».

аммо мардум бояд ҳушёр бошанд ва дар ин бурҳаи ҳассос, таклифи худро ба анҷом расонанд ва барои ёрии наҳзати заминасозӣ ба майдон биёянд.

● Устод каме даранг крад ва сипас идома дод: Ин тафаккур, тафаккури анбиёъ аст ки аз ёд рафта буд ва ман ёдоварӣ кардам. Фарқи тафаккури анбиёъ бо тафаккуроти ислоҳии дигар дар ин аст ки аз умқ ва густараи хоссе бархурдор аст ва бо кулли низоми ҳастӣ ҳамоҳанги дорад. Анбиёъ бар хилофи навобиғ ва файласуфон, ҳамвора аз ҳақойиқи жарф ва фарогир парда бар медоштанд ки дар андеша ва таҷрибаи башарӣ бесобиқа будааст ва роҳӣ нав ва мутамойиз дар пеши рӯйи башарият мегушуданд. Аз ин рӯ гуфтаанд ки яке аз меъёрҳои муҳим дар ташхиси асолат ва ҳаққонияти паёми Паёмбарон, ҳамин бесобиқагӣ ва дур будан аз дастраси афкор ва таҷориби инсонӣ аст; Ба тавре ки навобиғ ва файласуфон низ ба баландои он ва нотавонии хеш дар дарки он воқифанд ва аз ин рӯ, пайравӣ аз ононро виҷҳаи ҳиммати хеш қарор медиҳанд.

■ Донишҷӯ сарашро бар рӯйи сандалӣ ниҳод ва дақойике ба фикр фуру рафт. Сипас ба оромӣ

сарашро бардошт ва гуфт: Эй устоди бузург! Бо тамоми вуҷудам дар баробари ҳақиқати фаромӯш шуда зону мезанам. Умедворам ки зери бори сангини ин масъулият хурд нашавад. Аз шумо низ бо тамоми вуҷуд сипосгузорам ки роҳнамои шойистаи ман дар ин роҳ будед ва бе ҳеҷ чашмдоште, манро аз хобӣ гарон бедор кардед ва ҷаҳони дигареро ба рӯям гушудед; Ҷаҳонӣ зинда ва воқеъӣ, рӯшан ва маънодор; Ҷаҳоне ки ҳар чизи он дар сари ҷойи худ аст. Эҳсоси «Рушд» мекунам ва «Ҳасрат», аз ин ки мардум дар ҷаҳонӣ хиёлӣ зиндагӣ мекунанд ва аз ҳақиқат фарсангҳо дуранд... ҳаминак нуқтаи азимати ман, огоҳ кардани қавмам дар партуви раҳнамудҳои шумо хоҳад буд. Шакке нест ки амри ба маъруф дар ин асри пурошӯб, мисдоқӣ бузургтар аз ин нахоҳад дошта ва ман молу ҷони худро бо ифтихор бар сари он хоҳам ниҳод; Бошад ки ҷаҳон, пас аз онки аз зулм оканда шудааст, аз адолат лабрез шавад.

● Устод бо шунидани ин сухан, қиём кард ва дасти шогирди худро гирифт ва дар ҳоле ки ба уфуқ менигарис, гуфт: ﴿الْحَمْدُ لِلَّهِ الَّذِي هَدَانَا لِهَٰذَا وَمَا كُنَّا لِنَهْتَدِيَ لَوْلَا أَنْ هَدَانَا اللَّهُ﴾[1] «Сипос барои Худойе аст

1 . Аъроф/ 43

ки моро ба ин ҳидоят фармуд, дар ҳоле ки мо ҳидоятшуданӣ набудем агар Худо моро ҳидоят намефармуд» ва хуршед дар миёни осмон буд ва абр набуд ва ҳама ҷо рӯшан буд ...

## Китобнома

1. Ибни Аби Шейба, Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Иброҳим (д.235қ); Мусаннафи ибни Аби Шейба, таҳқиқи Камол Юсуф Ал-Ҳуд, Мактабату Рушд, Риёз, чоппи якум 1409қ.

2. Ибни Асир, Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷазарӣ (д.630қ); Усд ал-ғоба фи маърифат ас-саҳоба, таҳқиқи Алӣ Муҳаммади Муъаваз ва Одил Аҳмад Абдулмавҷуд, Дорул кутуб ал-илмия, чоппи якум, 1415қ.

3. Ибни Ҳаммод, Наъими Марвзӣ (д.228қ); Ал-Фитан, таҳқиқи Самир Амин Аз-Заҳири, Мактабату Тавҳид, Қоҳира, чоппи якум, 1412қ.

4. Ибни Ҳанбал, Аҳмад (д.241қ); Муснади Аҳмад, таҳқиқи Шуъайб Ал-Арнаути ва Одил Муршид ва дигарон, бо ишрофи Абдуллоҳ ибни Абдулмӯҳсини Туркӣ, Муъссиату Рисола, чоппи якум, 1421қ.

5. Ибни Шаҳрошуб, Муҳаммад ибни Алӣ (д.588қ); Манокиби оли Аби Толиб, Тасҳиҳи Луҷнату мин Асотизати Наҷафил Ашраф, Мактабату Ҳайдария, Наҷаф Ашраф, 1376қ.

6. Ибни Асокир, Алӣ ибни Ҳасан ибни Ҳебатуллоҳ (д.571қ); Торихи Димишқ, таҳқиқи Амр ибни Ғаромаи Амравӣ, Дорул Фикр ли-тибоати ва нашри ва тавзӣ, 1415қ.

7. Ибни Моҷа, Муҳаммад ибни Язид (д.273қ); Сунани ибни Моҷа, таҳқиқи Муҳаммад Фуъод Абдулбоқӣ, Дорул Эҳёул Кутубил Арабият -Файсал Исо Ал-Боби Ал-Ҳалаби.

8. Ибни Мағозилӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ибни Муҳаммад (д.483қ); Маноқиби Алӣ, таҳқиқи Аби Абдурраҳмони Туркӣ ибни Абдуллоҳи Водеъи, Дорул Осор, Санъо, чопи якум, 1424қ.

9. Абу Доввуд, Сулаймон ибни Ашъас ибни Исҳоқ (д.275қ); Сунани Аби Доввуд, таҳқиқи Муҳаммад Муҳйиддин Абдулҳамид, Мактабалу Асрия, Бейрут.

10. Афлотун файласуфи Юнонӣ (д.347қ); Ҷумҳурӣ (даври комили осор) тарҷумаи Муҳаммад Ҳасн Лутфӣ, интишороти Хоразмӣ, 1367ш.

11. Баҳронӣ, Ҳошим ибни Сулаймон ибни Исмоъил (д.1109қ); Ғоятул Маром ва Ҳуҷҷатул Хисом, таҳқиқи Алӣ Ошур.

12. Баззор, Аҳмад ибни Амр ибни Абдулхолиқ (д.292қ); Муснади Баззор, таҳқиқи Маҳфуз Ал-Раҳмон Зайнуллоҳ, Одил ибни Саъд ва Сабрӣ Абдулхолиқ Шофеъи, Мактабату Улум вал Ҳикам, Мадинаи Мунаввара, чопи якум, 2009м.

13. Байҳақӣ, Аҳмад ибни Ҳусейн ибни Алӣ (д.458қ); Далоъилу Набувва ва маърифату аҳволи соҳибу шариъа, Дорул кутуб ал-илмия, Бейрут, чоппи якум, 1405қ.

14. Ҳокими Нешобурӣ, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад (д.405қ); Ал-Мустадрак ала Саҳиҳайн, таҳқиқи Мустафо Абдулқодир Ато, Дорул кутуб ал-илмия, Бейрут, чоппи якум, 1411қ.

15. Хазози Қумӣ, Алӣ ибни Муҳаммад ибни Алӣ (д. Ҳудуди 400қ); Кифостул Асар, таҳқиқи Абуллатифи Ҳусейнии Кӯҳкамарӣ, Интишороти Бедор, Қум, 1401қ.

16. Хумайнӣ, Руҳуллоҳ (д.1409қ); Вилояти Фақиҳ, Интишороти Амир Кабир, Теҳрон, 1360ш.

17. Донӣ, Усмон ибни Саъид ибни Усмон (д.444қ); Ал-Сунану Ворида фил Фитан, таҳқиқи Ризоъуллоҳ ибни Муҳаммад Идрис Муборакфурӣ, Дорул Осима, Риёз, чоппи якум, 1416қ.

18. Дейламӣ, Шируя ибни Шаҳрдор ибни Шируя (д.509қ); Ал-Фирдавс Бимаъсурил Хитоб, таҳқиқи Саъид ибни Басюнии Зағлул, Дорул кутуб ал-илмия, Бейрут, чоппи якум, 1406қ.

19. Заҳабӣ, Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Усмон (д.748қ); Мизонул Эътидол, таҳқиқи Алӣ Муҳаммад Бачовӣ, Дорул Маърифату Литбоъати вал Нашр, Бейрут, чоппи якум, 1382қ.

20. Рӯёнӣ, Муҳаммад ибни Ҳорун (д.307қ); Муснади Рӯёнӣ, таҳқиқи Айман Алӣ Абу Ямонӣ, Муъасисту Қуртуба, Қоҳира, чоппи якум, 1416қ

21. Шошӣ, Ҳейсам ибни Кулейб ибни Сурейҷ (д.335қ); Муснади Шошӣ, таҳқиқи Маҳфузу Раҳмон Зейнуллоҳ, Мактабуату Улум вал Ҳикам, Мадинаи Мунаввара, чоппи якум, 1410қ.

22. Шариф Разӣ, Муҳаммад ибни Ҳусейн ибни Мӯсо (д.406қ); Хасоъису Аъимма, таҳқиқи Муҳаммад Ҳодӣ Аминӣ, Маҷмаъул Буҳусил Исломия, Машҳад, 1406қ.

23. Табаронӣ, Сулаймон ибни Аҳмад ибни Айюб (д.360қ); Мӯъҷамул Авсат, таҳқиқи Торик ибни Ивазуллоҳ ибни Муҳаммад ва Абдулмӯҳсин ибни Иброҳими Ҳусейнӣ, Дорул Ҳарамйн, Қоҳира.

24. Табарӣ, Муҳаммад ибни Аби Қосим (д.553қ); Башорату Мустафо, таҳқиқи Ҷаводи Қайюмии Исфаҳонӣ, Муъасисатул Нашрил Исломи, Қум, чоппи якум, 1420қ.

25. Табарии Имомӣ, Муҳаммад ибни Ҷарир ибни Рустам (д. қарни 4қ); Ал-Мустаршид, таҳқиқи Аҳмад Маҳмудӣ, Муъасисату Сиқофатил Исломияти Кушонбур, Қум, чоппи якум, 1415қ.

26. Кулайнӣ, Муҳаммад ибни Яъқуб ибни Исҳоқ (д.329қ); Ал-Кофӣ, таҳқиқи Алӣ Акбар Ғафорӣ, Дорул кутуб ал-исломия, Теҳрон, чоппи якум, 1363ш.

27. Макдисӣ, Мутаҳҳар ибни Тоҳир (д. ҳудуди 355қ); Ал-Бадъу ва Торих, Мактабату Сиқофати Диния, Бур Саъид.

28. Нӯъмонӣ, Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Ҷаъфар (д. ҳудуди 360қ); Ал-Ғайба, таҳқиқи Форис Ҳассун Карим, Анворул Ҳудо, Қум, чоппи якум, 1422қ.

29. Яъқуб ибни Сӯфиён Фасавӣ (д.277қ); Ал-Маърифату вал Торих, таҳқиқи Акрам Зиёъал Умрӣ, Муъасисатул Рисола, Бейрут, чоппи дуввм, 1401қ.

# Ҳиндисаи Адолат;

## Ривояте аз як гуфтугӯ бо аллома Мансури Ҳошимии Хуросонӣ

Адолат, таъмини ҳамаи ниёзҳои инсон ба наҳве аст ки таъмини ҳеч як бо таъмини дигарӣ мунофот надоша бошад ва ба таъбири дигар, феълияти ҳамаи истеъдодҳое аст ки дар фард фарди мардум ба гунаи мутафовит вуҷуд дорад ва барои ҳар фарди онҳо, «Ҳақ» эҷод мекунад; Ҳаққӣ мунҳасир ба фард ки метавон онро «Ҳаққи шуудан» номид; Ба ин маъно ки ҳар фард, «Ҳақ» дорад ончи «Метавонад», «Бишавад». Ҳол, агар ба саросари тарихи башар нигоҳ кунӣ мебинӣ ки мардум, ҳамеша маҳрум будаанд ва ҳеҷгоҳ ба адолат даст наёфтаанд. Асосан вуҷуди мушкилоти имрӯз, маҳрумияти инсон дар тӯли тарихро исбот мекунад; Чароки вазъияти имрӯзи ӯ беиртибот бо вазъияти дирӯзи ӯ нест ва имрӯз, дуде аст ки аз оташи дирӯз бархостааст. Бо ин ҳол, рафъи ин маҳрумияти дерина, ҳамеша матлуби мардум буда ва ниёзҳо ва истеъдодҳояшон, муҳаррики онҳо ба сӯи адолат будааст; Ҳамчунон ки ташнагӣ ва гуруснагӣ, муҳаррики онҳо ба сӯи об ва ғазо аст. Адолат ба ин маъно, гумшудаи дерини инсон ва ҳадаф аз беъсати анбиёъ будааст. (с30 ва 31)

ISBN 978-9936-1-0120-3

9 789936 101203

Пойгоҳи иттилоърасонии дафтари
Мансури Ҳошимии Хуросонӣ
www.alkhorasani.com